**САИДҶОН УРОҚӢ**

# ЧАМАНИ ХАЁЛ

Душанбе
«Адиб»
2011

НАШРИЁТИ «АДИБ»



ББК 84 Тоҷик 7-5
У 27

Муҳаррир *Гурез Сафар*

У-27 **Саидҷон Уроқӣ. Чамани хаёл** (маҷмӯаи шеърҳо) – Душанбе, «Адиб» 2011, 132 саҳ.

Тараннуми ишқу зебоӣ, васфи Ватану муҳаббати ватандорӣ ва арзи садоқату вафодорӣ аз мавзӯҳои асосии нигоштаҳои Саидҷон Уроқианд.

Бовар дорем аз сайри гулҳои рангини чаманистони ашъораш хушҳол хоҳед гашт.

ISBN 978-99947-2-050-7

© Саидҷон Уроқӣ, 2011

# ШЕЪРҲО

* * *

Модарамро ёд кардам,
Рафт аз поям замин.
Дар ҳаво мондам муаллақ
Бе сару сӯ, бе касу кӯ,
Бе макон, беорзӯ.

Модарамро ёд кардам,
Зоғакон гаштанд шах
Андар ҳаво.
Бе парафшониву бе созу садо,
Ҳар яке бо ҳамдигар бегонаву ноошно.

Модарамро ёд кардам,
Дуди оташдони гармаш
Абри найсон шуд.
Домани регу биёбон сели борон шуд.
Аз ғубори шӯълаи хокистараш
Гумбази тоқи фалакҳо машъалистон шуд,
Бар сари бесоҳиби ман жолаборон шуд.

Модарамро ёд кардам,
Барфҳо дар қуллаҳо гаштанд абр.
Абрҳо дар ёлаҳо бастанд санг,
Сангҳо дар пуштаҳо гаштанд об,
Рӯдҳову чашмаҳо карданд ях.

Модарамро ёд кардам,
Рӯзи равшан гашт шаб.
Ахтарон мурданд дар боми фалак,
Шишаи нилини афлокӣ шикаст,
Пораҳояш дар дилам чун тир хаст.

Модарамро ёд кардам,
Мижаам пурбор шуд.
Баччагии бесару овораам
Бемор шуд.
Аз барои модари ҷон зор шуд.
Пойҳои хӯрда бар сангаш
Ҳама хуншор шуд.

Модарамро ёд кардам,
Дар лаби барги дарахтон
Сураи ёсин шукуфт.
Ҳар дарахте саҷда оварду
Баланд омин бигуфт.
Бодҳо бинвохтанд бонги азон.

Модарамро ёд кардам,
Ҳар гули зардолуяш парвона шуд.
Хӯшаҳои токзораш чун чароғи хона шуд.
Модарамро ёд кардам,
Ашкҳоям дона шуд…
Ашкҳоям дона шуд…

## АСПИ ОРЗУ

Аспи сафеди орзу,
Баҳри дават амвоҷи маст.
Сад сол рафтам аз паят,
Н-омад пари ёлат ба даст.

Ҷои даву ҷавлони ту
Паҳнои дашти бекарон.
Хезад зи този тези ту
Хоки Замин бар осмон.

Чун моҳи шаб тобӣ зи дур
Бо нуқракӯби пайкарат.
Историҳои гирди маҳ-
Сумҳои бо наъли зарат.

Хоҳам занам то дастбанд
Дар гардани хушоҳарат.
Парвонаҳои мижаам
Шинанд дар ёли тарат.

Орад садои шиҳаат
Бар синаам иршодҳо.
Аз боли ёлат мевазад
Дар сабздаштон бодҳо.

Аспи сафеди орзу-
Рози дили худкоми ман.
Бо ҳастии ту, зинда бод
Оғози беанҷоми ман!

## АБРҲО

Абрҳо завраќи бар бод равон,
Осмонро бинамоянд убур.
Ҳама чун галлаи филони сафед,
Ҳама аз ҷой биҷунбанд ба зӯр.

Абрҳо бо шарарангезии шед
Зи ғубору нами шаб пок шаванд.
Ҳама балъида шарори дами субҳ,
Ҳама хушрангу ҷилонок шаванд.

Сояи абр пур аз накҳати нам,
Бӯи дарё бирасонад ба димоғ.
Зи насими нафаси фарвардин
Арақ аз чеҳра фишонад гули боғ.

Абрҳо гоҳ ҷаҳанд аз пайи ҳам,
Ҳамчу оҳу зи сари пуштаву тал.
Шуда андар бағали шому саҳар
Ба кабоби дами хуршед бадал.

Абрҳо бо ҳама бедардии хеш
Зи ғами синаи ман мехезанд.
Об гардида пас аз роҳи сафар,
Боз дар баҳри дилам мерезанд.

## ҒАМҲОИ МАН

Ғамҳои ман дар ёлаҳо-
Машғули тозу сайру гашт,
Ғамҳои ман бо лолаҳо
Ҳамсоя дар паҳнои дашт.

Ғамҳои ман дуди танӯр
Дар субҳи боми модарам.
Ғамҳои ман момои пир,
Афсонагӯи додарам.

Ғамҳои ман гунҷишкакон
Дар хӯшаҳои хоми ҷав,
Ғамҳои ман он барзгар,
Омодаи кишту дарав.

Ғамҳои ман абри тунук
Дар парфишони ёдҳо.
Ғамҳои ман як оҳи сард
Бишкаста дар фарёдҳо.

Ғамҳои ман рақси хазон
Бо созҳои боднай.
Ғамҳои ман чун арчаҳо,
Дар мижаҳошон барфи дай.

Ғамҳои ман гулҳои сурх
Дар буттаи янтоқи тар.
Ғамҳои ман занбӯри зард
Дар барги гулҳои кавар.

Ғамҳои ман бечорае,
Дар ҷайби ҷонаш тобу таб.
Ғамҳои ман оворае,
Тар гашта дар борони шаб.

Ғамҳои ман доғи сияҳ
Дар тозарахшони шафақ.
Ғамҳои ман бахшу карам
Аз даргаҳи Раҳмони Ҳақ.

## ДИЛБАРАКИ ҚИШЛОҚӢ

*(барои Моҳрӯ)*

Дилбараки қишлоқӣ,
Чашми шӯхи алмосӣ.
Ҳалқаи баногӯшаш
Тангаи ҷарангосӣ.

Парпари гиребонаш
Сӯзаниву зардӯзӣ,
Шаддаи гулӯбандаш
Мӯҳраҳои гелосӣ.

Зулфи ёсуман дорад,
Чеҳраи чаман дорад,
Лаб чу настаран дорад,
Холи донаи хосӣ.

Нохуни сарангушташ
Суфтаву ҳинобаста,
Банди нарми дастонаш
Қоғази ялаққосӣ.

Мепарам ба ҳар дарё,
Медавам ба ҳар саҳро.
Меҳри ӯ маро кардаст
Пурхаёлу васвосӣ.

## ҚАРАВУЛСАНГ

Қаравулсанги калони камарӣ,
Сӯи водӣ зи баландӣ нигарӣ.
Бизанад қақра ба вақти саҳарӣ
Зи сари шонаи ту кабки дарӣ.

Қаравулсанги баланди камарӣ,
Домани абри баҳорон бидарӣ.
Бикунад лола ба ранги ҷигарӣ
Зи сари синаи ту ҷилвагарӣ.

Пайкари сабзи туро мешӯяд
Абри борони баҳори гуҳарӣ.
Гули қоқу ба хами пойгаҳат
Сарсупорӣ кунаду ҷомадарӣ.

Рама то чашмаи Варзе бирасад,
Бо чарокардану бо раҳсипарӣ.
Боз дар сояи серуни қадат
Найи чӯпон бикунад навҳагарӣ.

Қаравулсанги заранги камарӣ,
Зи сари ёла ба мо менигарӣ.
Ба сарат бастаӣ дастори сафед
Зи гази шоҳии абри сафарӣ.

## КАБӮТАРИ САФЕД

*Барои Ситора*

Ситора, хоҳари донояки ту
Зи беморӣ бишуд ногаҳ кабӯтар.
Саҳар чун ту бирафтӣ сӯи мактаб,
Ба сӯи осмон зад хоҳарат пар.

Кунун аз ёлаҳои офтобӣ
Шамол орад садои ноумедаш.
Миёни селакафтарҳои даштӣ
Битобад бо пару боли сафедаш.

Дигар ӯ бо сатили майдаи худ
Наорад бо ту об аз ҷӯи қишлоқ.
Дигар то хонаи момот бо ту
Нахоҳад бурд нону ширу қаймоқ.

Дигар бо духтари ҳамсоя аз боғ
Начинад ғӯраҳои хоми ангур.
Дигар гуҷишкаконро бо ҳаёҳу
Насозад аз сари гелосамон дур.

Дигар бо лухтакаш ҳарду насозанд
Алифбои туро аз нав тамошо.
Дигар боре набандад дар паноҳӣ
Ба сар рӯмоли шоли очаатро.

Ситора, хоҳари зебояки ту
Кабӯтар гашт, рафту пас наояд.
Миёни он кабӯтарҳои ваҳшӣ
Сафеду нуқрагун аз дур тобад…

## ОИНА

Ба пояш накҳати гулҳои гесӯ
Зи роғи панҷҳои шона мерехт.
Зи холи нозуки болидаи лаб
Ба пеши мурғаки дил дона мерехт.

Дили оинаи барқад биҷунбид,
Бишуд як сӯй оби нуқра ҷорӣ.
Сиёҳӣ мезад он лавҳи дурахшон
Чу чашми ошиқон дар интизорӣ.

Табассум аз лабонаш мечакад хуш,
Рухи оинаро рангин намуда.
Ба гесӯ шонаро пас мекашонад,
Қадашро андаке поин намуда.

Зи оина дами наззораҳояш
Ба парвози нигоҳам мехӯрад бар.
Ба дунёи тамошои нигоҳаш
Қатори мижжаҳоям мекашад сар.

Дилам бо хислати мурғони обӣ
Ба мавҷи гесӯвонаш шуд шиновар.
Тамошо менамудам бо қаноат
Ба дарё рафтани мурғи диловар.

Аноронаш чу кафтарҳои ошиқ
Миёни бозувонаш дар паропар.
Яке бар борхоҳӣ мезанад лап,
Яке бар зер кардан мекашад сар.

Ниҳонӣ ҷасту хези кафтаронаш
Ба ман оина равшан менамояд.
Қадашро аз ҳарири чодари мӯ
Ба нӯли кафтаронаш мекушояд.

Сарам андар ҳавасҳо ғарқ шуд, ғарқ,
Бухор аз синаам сар зад ҳавоӣ.
Хумори дидагонам дид, оваҳ,
Сафедиҳои пояш каҳрабоӣ.

Зи пушташ омадам пуртобу бетоб,
Намудам шонаву гесӯяш оғӯш
Ва он оинаро кардам ишорат:
Бирав аз мо дигар сӯ, рӯи худ пӯш!

## ХОҲИШ

Дил бихоҳад, ки дарахти тани ман
Зи шарори нигаҳат даргирад.
Баргҳояш – ҳама мурғони шигарф
Сӯи домони ҳаво пар гирад.

Дил бихоҳад, ки ба хоби шаби ту
Дуздам он холи диловези лабат.
Саҳарӣ рӯй бар оина кунӣ,
Ояд аз гум шудани он аҷабат.

Дил бихоҳад, ки чу гелоси баҳор
Хурраму тозаву пургул бошам.
Ҳар гаҳе аз бари ман мегузарӣ,
Ба сару шонаи ту гул пошам.

Дил бихоҳад, ки лаби қанди туро
Дар табу тоби лабам об кунам.
Ҷони пурғайрати ошиқшударо
Дар нафасҳои ту бетоб кунам.

Дил бихоҳад ба ҳамин гумномӣ
Дар хаёлат нафасе овезам.
Бо яке замзамаи сози ҳазин
Ба садопардаи гӯшат резам.

Дил бихоҳад чу насими дами шаб
Бидароям зи раҳи равзани ту,
Атри гесӯи туро бӯй кашам,
Бӯса бандам ба сафеди тани ту.

Дил бихоҳад,ки маро ҳамраҳи ту
Як шамол ояду боло бубарад.
В-он ҳама мардуми бадгӯ ба аҷаб
Ба ҳаво рафтани моро нигарад.

Дил бихоҳад, ки ба пеши қадамат
Ба мисоли гули худрӯ рӯям.
Ба ҳамон шабнами миҷгони тарам
Кафи пои садафатро шӯям.

Дил бихоҳад рухи пинҳони туро
Дасти н-омӯхтаам бикшояд.
Шабпаракҳои шаби бӯсаи ман
Тала рухсору лабат бинмояд.

Оҳ, сӯзад ҳама дарёву даман
Дили пурҳасрати оташнафасам.
Оҳ, мирад ба ғаму дарду алам
Дили беболу пари хору хасам…

## НИЁИШ

Эй абри чу оҳи модари ман,
Аз хандаи бодҳо рамидӣ?
Баргашта зи роҳи ёлаи дур,
Он ҷо падари маро надидӣ?

Эй абри чу оҳи модари ман,
Ҳамқисмати сӯзи баччагиям.
Дидам ба ҳавои авҷхезат
Дуди ғами рӯзи баччагиям.

Эй абри чу оҳи модари ман,
Хам шав ба канори чашмаи деҳ.
Овар падари маро ба пешам,
Як лаҳзаи баччагӣ ба ман деҳ!

Эй абри чу оҳи модари ман…

## БАЛХАШ

Балхаш, аз ранҷи зиёди роҳи дур
Хаста ман дар соҳилат биншастаам,
Ҳам ба рӯи навбаҳори сабзи ту
Дидаи меҳру муҳаббат бастаам.

Мавҷҳои ту хазида нарм-нарм,
Бӯса бинмояд қадамҳои маро,
Дасти сеҳрангези боди соҳилат
Менавозад хуш саропои маро.

Шарфаи оби ту дар маҳтобшаб
Хобро аз дидагонам даррабуд.
То саҳар мавҷат ба гӯши ҳуши ман
Қиссаи буду набудатро суруд.

Моҳи оламтоб шаб андар барат
Чун арӯси хушлиқо биншаста буд.
Пайкарам аз ҷилваи он ишқи пок
Дар канорат санг гӯё баста буд.

Аз канорат моҳ рафту ногаҳон
Хотири болидаам ошуфта монд.
Дар хаёли содаву шайдои ман
Розҳои ишқи ту ногуфта монд.

## НАЗЗОРАҲО

Наззораҳои бесурур
Орӣ зи меҳру шавқу шӯр
Бар ман намегарданд хам,
Аз ман намегиранд нур.

Ку лаҳзаҳои ошиқӣ,
Сад рангҳои як нигоҳ?!
Ку лаҳзаҳои будаам
Дар пеши онҳо бегуноҳ?!

Нақше аз он наззораҳо
Чун доғ боқӣ дар дилам.
Дар пеши он наззораҳо
Бар ҳар гуноҳам қоилам.

Наззораҳои бесурур,
Бошед як дарёи нур.
Танҳо шумо мақбули дил,
Танҳо шумо бар ман зарур.

Наззораҳои ошно,
Озодаву хушманзаред.
Аз ҷону дил бигзаштаед,
Пас аз гуноҳам бигзаред!

## ҒОР

Ғори калони Ҷарбулоқ,
Деворҳо сӯроҳдор.
Боре нагашта сабзапӯш
Деворҳояш дар баҳор.

Дар тахтаи девори он
Бас лонаи паррандаҳост.
Чун хонаи садошён
Тирезаҳояш барҳавост.

Аз роғҳояш мепаранд
Мӯсичаҳо сӯи ҳаво.
Гунҷишкакони чустбол,
Ҳам кафтарони хушлиқо.

Ғори калони Ҷарбулоқ
Бозори мурғони ҷаҳон.
Инкубатори чӯҷаҳост,
Бо бахти ин паррандагон.

Имрӯз пуршавқун бишуд
Ғори калони Ҷарбулоқ...
Андар таҳи он мехазад
Мори калони Ҷарбулоқ.

## СУБҲИ ПОИЗ

Шӯълаҳои бодгарди шӯхи субҳ
Торикиро мебарад пинҳон фурӯ.
Сояҳои ошиқу ҳамзоди маҳ
Об мегарданд мисли оби ҷӯ.

Бодҳои субҳхези тирамоҳ
Меканад ҳар ҷо гиёҳи қокро.
Навниҳоли духтари шармини боғ
Дар паноҳи мӯй дорад сокро.

Чашмаҳои дилбари бедори шаб
Аз бисоти чашм мерезад хумор.
Дар нафасҳои пасини тирамоҳ
Менисорад накҳати фасли баҳор.

Субҳи рангину булӯри тирамаҳ
Аз хати сабзи уфуқ пас мехамад.
Бо сахои дасти неъматпарвараш
Дар дили абри садаф хун медамад.

Мавҷҳои беқарори рӯдбор
Мекунад фарёд аз ҳар як наво.
Мекунад онро зи нав такрор кӯҳ,
Субҳ омад, субҳ омад, марҳабо!

Шабнами кӯтоҳумри бодрез
Чеҳраи хуршед созад инъикос.
Рӯи барги нимҷони зарди ток
Ҳолати онро намояд пурсупос.

Кӯҳу тал бар сар кулоҳи зарҳалин,
Синаи болида, табъи чоқ дошт.
Бар лабу рухсораҳо чун лӯлиён
Холкӯби буттаи янтоқ дошт.

Ҳар дарахте – пайкари тиллои сирф,
Омада бар ҷашнгоҳи меҳргон,
Қомати фиръавни ар-ар худнамо
Бо ниқоби зарҳали Туталҳамон.

## НАВБАҲОРИ ДАШТ

Даштҳо карда ба бар ҷомаи нарм
Зи матоҳои сафеди пари барф.
Ҷашмҳоро бибарад вақти нигоҳ
Куртаи нуқраи хушоҳари барф.

Зоғҳо аз нафаси боди баҳор
Паркашон, бонгзанон, шодикунон,
Аз ҳаво дида яке доғ ба барф,
Ба наҳорӣ бифароянд ҳамагон.

Зи дами бод биҷунбад хаш-хаш
Алафи хушкаки поринаи дашт.
Зарҳали мӯй парешон бикунад
Рӯи ях банди чу оинаи дашт.

Барфҳо об шуда боз раванд,
Домани дашт шавад пургулу сабз.
Ҷӯй ҷорӣ шуда бар шебу фароз,
Сурати дашт шавад шангулу сабз.

Галаҳо сӯи ба сӯ дар таку тоз,
Рамаҳо сӯи ба сӯ карда чаро,
Гулпаракҳо шуда тоҷи сари гул,
Мурғакон дар тарабу созу наво.

Дашт–як олами паҳновару сабз
Ба хати нили уфуқ омезад.
Зи таҳи домани пуршабнами дашт
Қурси хуршед саҳар хуш хезад.

## ШУКРОНА

Эй чӣ хубе, ки ту ҳастӣ ба ҷаҳон,
Ман аз ин ҳастии ту ободам.
Эй чӣ хубе, ки ту ҳастӣ чу ҳаво,
Ман дар ин ҳастии ту озодам.

Эй чӣ хубе, ки ту ҳастӣ, ҳама ҳаст,
Ин шабу рӯзу зимистону баҳор.
Бо ҳамин ҳастии ту ҳаст мудом
Нуру хуршеду маҳу ахтару нор.

Эй чӣ хубе,ки ту ҳастиву дилам
Бизанад хуш ба ҳавоят пару бол,
Эй чӣ хубе, ки ту ҳастӣ ба барам,
Нест дар умри хушам ҳеҷ завол.

Шукри Ҳақ бод, ки ҳастӣ ба ризо,
Ман ба нози нигаҳат дил додам.
Шукри Ҳақ бод, ки ишқат ба сафо
Кард аз ҳиммати ҳастат шодам.

Эй чӣ хубе,ки ту ҳастӣ ба ҷаҳон,
Накди ҳастии ту шуд бунёдам.
Шакл бо номи ман омад ба ҷалол,
Нақши ҳастии ту кард эҷодам.

## ЁДИ ТУ

Ҳаҷри бедоди туюю танҳоӣ,
Пурғаму музтару маҳзун будам.
Дур аз пеши ту, эй мӯъниси дил,
Чу гули лола ҷигархун будам.

Ёди ту омаду маҳтоб хамид
Ба паси равзани зулмоти дилам,
Ёди ту омаду гулбонг расид
Ба дари бози хароботи дилам.

Чӣ хуше, ёди ту шодам бинамуд,
Сухане бо ту намудам ба хаёл.
Чӣ хуше, ёди ту ёдам бинамуд
Ба ҳавасрезии пайғоми висол.

Лаҳзае гӯӣ дар ин радду бадал
Дасти гармат бигирифт аз дастам.
Лаҳзае чун гули қоқӯи баҳор
Ба қади хам-хами зулфат растам.

Ёди ту омаду осуда шудам
Зи ғами ғурбату озори куҳан.
Ёди ту омаду омад ба машом
Накҳати тозаи серуни Ватан.

Ёди ту гоҳу гаҳе аз шафқат
Дари танҳои маро мекӯбад.
Ёди ту чун пари зулфи сияҳат
Гарди ғамро зи рухам мерӯбад.

## ДЕВОНА

Чашмҳои ваҳшии мисли шафақ,
Рӯи сарду қаҳвагуни пурғубор.
Роҳу бераҳ меравад дар шаҳри кар
Бо қадамҳои қавию устувор.

Дар бараш овехта як халтае,
Ҳар бисоте дорад, андар он ниҳад.
Мезанад бар халтааш бе фарқу нарх,
Ҳар ғизоеро касе бар ӯ диҳад.

Меравад андар миёни издиҳом,
Ҷандаҳои рез-резаш пеши по.
Ҳар кӣ ӯро дид бо ин бехудӣ,
Тавба мегӯяд ба ин кори Худо.

Орӣ аз дарду ғаму шавқу сурур,
Рақсад аз қарсақзании кӯдакон.
Зиндагӣ маънӣ надорад пеши ӯ,
Марг ҳам дар хотири ӯ ноаён.

Аз чунин ҳолат аҷаб омад маро,
Омадам бо ӯ даме бо гуфтугӯ.
Гуфамаш:-Эй додари оворагум,
Гӯ, чӣ маънӣ дорад ин рафтори ту.

Гуфт: – Бо ин шаклу ин кирдору ху
Дар дилам дорам фақат як орзу:
Дар миёни одамони ин замон
Ман ҳақиқатро бубинам рӯ ба рӯ.

Пас аз он ӯ рӯй гардонду бирафт
Сӯи бозор аз раҳи мошингузар.
Мошинон истода роҳаш карда боз,
Ӯ гузашту ноаён шуд аз назар.

Ӯ бирафту хотирам бедор шуд,
Ки ҳақиқат қиссаву афсона аст.
Дар дилам тасдиқ кардам аз қиёс,
Ки ҳақиқатҷӯ каси девона аст.

# ҒАЗАЛҲО

* * *

Чӣ шавад мани мусофир ба дилат ватан бигирам,
Ба ту ҷону дил супорам, зи ту дасту тан бигирам.

Бираҳам зи ғамгусорӣ, бишавам зи ҳаҷр орӣ,
Ба нишоти дӯстдорӣ ба ту дам задан бигирам.

Ба дил аз ҳавои ишқат бубарам ҳаловати ҷон,
Ба каф аз баҳори васлат пари ёсуман бигирам.

Бихазам ба зери соят, дили худ ниҳам ба поят,
Сухани ризонамоят гар аз он даҳан бигирам.

Ҳама шеърҳои хубам ба дили ту раҳ бипӯяд,
Ҳама бӯсаҳои ширин ба ҳаќи сухан бигирам.

Чӣ шавад мани мусофир ба дилат ватан бигирам,
Ба нишоти дӯстдорӣ ба ту дам задан бигирам.

* * *

Хотири ранг-ранги ман тоби таронабор дошт,
Чеҳраи бо ҳаёи ту манзари гулузор дошт.

Шона ба мижа мекашам бар хамупечи зулфи ту,
Сунбули шабрасидаат накҳати навбаҳор дошт.

То ба диёри дил расем, чун гули ишқ сар кашем,
Чашми ситораи фалак ҳасрати интизор дошт.

Лаб ба лабему рӯ ба рӯ, дида ба дида, мӯ ба мӯ,
Моҳи нашаста бар дарахт бӯсаи мо шумор дошт.

Дил ба адову нози ту, бо ғаму сӯзу сози ту,
Замзамаҳои ашки ман нағмаи обшор дошт.

Аз ҳавасат адо шудам, дар нафасат ҳаво шудам,
Синаи бардамидаат лаззати рӯзгор дошт.

Хотири ранг-ранги ман тоби таронабор дошт,
Дастагуле зи шеъри тар дар қадамат нисор дошт.

* * *

Зиндагӣ хуни ҷигар хурдан будаст,
Бо ғаму дарду алам мурдан будаст.

Ин сари шӯридаи савдоиро
То дами теғи аҷал бурдан будаст.

Мо ҳама навмеду дилозурдаем,
Кори дунё чун дилозурдан будаст.

Корзори фитнаи чархи фалак
Одамиро аз миён бурдан будаст.

Ҳар заданҳои дили ноками мо
Рӯзи моро бахри бишмурдан будаст.

Ҷону дилро чун Уроқӣ бедареғ,
Бар кафи дилдор биспурдан будаст.

Зиндагӣ хуни ҷигар хурдан будаст,
Ҷон ба коми марг биспурдан будаст.

* * *

***Барои Буба***

Ҷонона биё бар дили мо, ҷоната гардам,
Мурдам зи ғами ҳаҷри ту, ҳиҷроната гардам.

Садбарги тари боғи дилорои баҳорӣ,
Дастони сахопешаи гулбоната гардам.

Аз атри баногӯши ту боре нашамидам,
Зулфони парокандаи печоната гардам.

Дар чеҳраи покизаи маҳтоби ту ҷонам,
Пар-пар задани шаҳпари миҷгоната гардам.

Аз дасти сафеду дили сардат ба умедам,
Яъне бадани барфи зимистоната гардам.

Ҷонона тани барфи зимистоната гардам,
Гулбоғи биҳишти камаристоната гардам.

* * *

Шуда аз бӯи баҳорон чаманоро гули сурх,
Зеби дашту даману зиннати саҳро гули сурх.

Шамъи базми ҳама мурғони хушовои баҳор,
Дар миёни ҳама гулҳои дилоро гули сурх.

Чу сабо баркашад аз домани шабнамрезаш,
Ба ҳаво пош диҳад, атри сумансо гули сурх.

Булбул аз замзамаи савту наво маст, вале
Ба сари ёла кунад рақси дилоро гули сурх.

Тани нозук ба таҳи сим-сими борон гирад,
Сояи абр кашад то камар аз по гули сурх.

Сурати духтари чӯпон назар афканда ба зер,
Рамаро мекунад аз бора тамошо гули сурх.

Ашку ишқ асту аламҳои дили ошиқи зор,
Руста дар хораву реги лаби дарё гули сурх.

Шамъи базми ҳама мурғони хушово гули сурх,
Зеби дашту даману зинати саҳро гули сурх.

* * *

Бодҳои саргардон, аз гулам хабар оред,
Синаи харобамро ин қадар маёзоред.

Номаҳои пурдардам сӯи ӯ фақат бурдед,
Пеши ман ки меоед, номае аз ӯ доред?

Бар гулам ки пазмонам, нола хезад аз ҷонам,
Ҳасрати ниҳонамро аз дилам бубардоред.

Дар сафоли гулдонаш як гули қаланфур аст,
Ҳар гаҳи шаби борон ашки ман ба он боред.

Бодҳои саргардон, аз гулам хабар оред,
То ба ёди ман бошад, ёди ӯ ба ман доред.

* * *

Сели ашкам рӯи чатрат резаборон мешавад,
Пайкарат дар шишабанди обшорон мешавад.

Байтҳои ошиқӣ бар гарданат бандам агар,
Рӯи ту бо шеъри тар гул дар гиребон мешавад.

Хирмани мӯи туро гар бод созам бо нафас,
Гандуми холи баногӯшат намоён мешавад.

Сар бимонӣ ноз-нозон гар ба рӯи синаам,
Дасти ман бар гарданат чун ишқи печон мешавад.

Бар дари дил гар садоят ҳалқаҷунбонӣ кунад,
Ҷони беҷогаштаам дар тан ҳаросон мешавад.

* * *

Дар сари миҷгони ман ёди ту шабнам шавад.
Гиряи дарё кунам, хуни дилам кам шавад.

Ҳар қадаре дар дилам ёди ту тай мезанад,
Сайргаҳи он ғариб ҷилвагаҳи ғам шавад.

Ишқи ту дар синаам рози сурайёву нур,
Номи ту дар мисраам шӯҳраи олам шавад.

Ташналабам чун гиё, сӯи ки созам садо,
То ба биёбони ман абри ҳаво нам шавад.

Субҳи қиёмат дамад, ранҷу фароғат равад,
Боз кафи хоки ман пеши ту одам шавад.

Дар сари миҷгони ман ёди ту шабнам шавад,
Дидаи гирёни ман чашмаи замзам шавад.

* * *

Сӯзи дил равшан шавад бо ёди ту,
Дуди дил гулхан шавад бо ёди ту.

Ҳар шабе дар гӯшаи танҳои ман
Ҷон ҷудо аз тан шавад бо ёди ту.

Субҳидам дар шифти зиндони танам
Чашми ман равзан шавад бо ёди ту.

Дар нигоҳам офтоби осмон
Донаи арзан шавад бо ёди ту.

Доғҳои синаам дар ҳар баҳор
Лолаи барзан шавад бо ёди ту.

Ашкҳои ман сари миҷгони хам
Мӯҳраи гардан шавад бо ёди ту.

Баъди маргам аз гудозу обу тоб
Хоки ман маъдан шавад бо ёди ту.

Дил ба хун гулхан шавад бо ёди ту,
Ҷон ҷудо аз тан шавад бо ёди ту.

* * *

Аз доғи дили нолон мегӯяму мегирям,
Аз дарду ғами ёрон мегӯяму мегирям.

Аз ҳоли хароби дил, аз ранҷу азоби дил
Бар моҳи шаби ҳиҷрон мегӯяму мегирям.

Шабнам, ту макун бовар бар ваъдаи барги тар,
Бо ашки сари миҷгон мегӯяму мегирям.

Чун тӯтии оташпар, чун булбули хокистар,
Бо баргу гулу райҳон мегӯяму мегирям.

Дар сӯзу табу тобам, обам бизан, эй обам,
Бо абри шаби борон мегӯяму мегирям.

Аз доғи дили нолон мегӯяму мегирям,
Аз меҳри рухи ҷонон мегӯяму мегирям.

* * *

Ба ту мекунам ҳама илтиҷо, зи барам марав, ба дилам биё.
Шабу рӯзи ман бишавад зи бар, тану ҷони ман бишавад фано.

Ҳама оҳаму ҳама дарду ғам, ҳама ишқаму ҳама чашми нам.
Ту намерасӣ ба садои ман, ай азизи дил, бинамо садо.

Ба дуо занам қадами дилам, ба куҷо барам алами дилам,
Чӣ кунам ба ин дили мубтало зи ғами ту, то ки шавад раҳо.

Ту саодатӣ ба канори дил, ту шаҳаншаҳи ба диёри дил,
Эй ғарибои аз дили ман ҷудо, ҳамегӯямат: ба Ватан биё!

Зи умеди ман хабари ту не, ба вафои ман назари ту не.
Ба шикоятам накунӣ ниго, ба аёдатам нарасӣ чаро?

Ба ту мекунам ҳама илтиҷо, зи канори мо нашавӣ ҷудо.
Ба баҳои ҷон, ки харидамат, ба ҳазор ҷон надиҳам туро.

Ҳама оҳаму ҳама дарду ғам, ҳама ишқаму ҳама чашми нам,
Ту ба доди ман нарасӣ агар, бирасад ба доди ман он Худо.

* * *

Тоҷикистон Ватанам,эй Ватанам, эй Ватанам,
Нақши ту дар дилу дар сурату дар ҷону танам.

Бистару болишам аз сабзаву санги ту кунам,
Зи хасу хори ту дӯзам ба танам пераҳанам.

Гар канад хори туро дасти ситамгори рақиб,
Дасти нопоки варо гираму аз шона канам.

Ба дами шодии ту то ба само сар бикашам,
Рӯзи озору ғамат хун бичакад аз даҳанам.

Меҳри ту дар дили ман симу зару лаълу гуҳар,
Дигар аз камбағалӣ пеши касе дам назанам.

Чӣ хуш он рӯзи дифоят ба шаҳодат бирасам,
Ту бисозӣ зи пари лолаи сурхат кафанам.

Тоҷикистон Ватанам, эй Ватанам, эй Ватанам,
Рӯзу шаб дар пайи ободии ту ҷон биканам.

* * *

Модари субҳхези ман, хонаи субҳ ҷои ту,
Шоми чароғи шабравон шамъ ниҳад барои ту.

Пардаи зарҳалин кашад қибла ба тоқи равзанат,
Ҷойнамоз афканад абри ҳаво ба пои ту.

Ай баракоти рӯзгор, эй самару бароти кор,
Бахту саодату барор дод ба ман дуои ту.

Сар ба мазори ту ниҳам ашкфишону хастаҷон,
То шунавам зи ҷайби хок шеваи ошнои ту.

Карда ба меҳру орзу зиндагӣ аз барои ман,
Ҳар нафасе, ки зиндаам, мемурам аз барои ту.

Сояи баччагии ман кӯча ба кӯчаҳои деҳ
Гирякунон, бараҳнапо медавад аз қафои ту.

Модари субҳхези ман, хонаи субҳ ҷои ту,
Зӯҳраи гунбази фалак тукмаи кафши пои ту.

* * *

Аз нигоҳи пурсонат сар фурӯ барам то по,
Аз ризои миҷгонат парзанон равам боло.

Синаи биёбонам регзори тасфон аст,
Рустаӣ дар он саҳро ҳамчу лолаи лоло.

Дар миёни сад маҳрӯ рӯи ту парастидам,
Ишқи ту биварзидам, дил ба сӯи ман бикшо.

Ман ба сози дилдорӣ бо ту мекунам ёрӣ,
Ту канори сабзатро бар муроди ман бахшо.

Қисмати нагунамро бо ту мекунам барпо,
Бо ту мешавам ҳамдил, бо ту мешавам якто.

Аз дили ҳавасборам, аз хаёли саршорам,
Бо нигоҳи хушдорам мешавӣ маро доро.

Бо таби суханхезам бар қадат сухан резам,
Бар лабонат овезам бӯса бо сухан як ҷо.

Аз нигоҳи ҳайронат дуди дил равад боло,
Бодбези миҷгонат оташам занад валло.

* * *

Боди сабо дам занад, мавҷ занад мӯи ту,
Гоҳ намоён шавад, гоҳ ниҳон рӯи ту.

Майзада номам кунад, баста ба домам кунад,
Мастмашомам кунад кокули ҳулбӯи ту.

Мавҷ ба мавҷе занад, авҷ ба зер афканад,
Баҳрбури Синдбод завраҷи абрӯи ту.

Чак-чаки рези маҳин роҳати ҷони ҳазин,
Ҳарф занад бо дилам кафши сухангӯи ту.

Боди сабо дам занад, мавҷ занад мӯи ту,
Дастдарозӣ кунад мӯи ту бо рӯи ту.

* * *

Ҷуз ғаму дарди ту,эй ёр, надидам ҳама умр,
Зи паят хеста афтода хазидам ҳама умр.

Зи лабат бӯсаи сероб надидам маҳу сол,
Аламу ҷабру ҷафои ту кашидам ҳама умр.

Мани саргашта ба аҷзе, ки саломат бикунам,
Чу насиме ба диёри ту вазидам ҳама умр.

Беди кӯи ту сарафканда шуд аз гиряи ман,
Ба таги сояи он навҳа кашидам ҳама умр.

Гули садбарг ба номи ту бикиштам лаби ҷӯ,
Нашукуфт ӯву ба гирдаш бичамидам ҳама умр.

Ҷуз ғаму дарди ту, эй ёр, надидам ҳама умр,
Зи паят рафта ба гардат нарасидам ҳама умр.

* * *

Аз канори беди Маҷнун кӯи ту сар мешавад,
Оҳу воҳам сӯи боми ту кабӯтар мешавад.

Беди Маҷнунро зи шавқат дар барам гирам чу ҷон,
Беди Маҷнун гӯиё бо ман бародар мешавад.

То туро бинам ба ҳавлият, бароям тори бед,
Дар тамошои ту чашмам ҳавзи кавсар мешавад.

Аз руҷӯъи ларзаву оҳи дили бетоби ман
Баргҳои беди Маҷнун дар паропар мешавад.

Мешавам лаклак, ба рӯзе лона месозам ба бед,
Ҳолати бехонагиям дур аз сар мешавад.

Аз канори беди Маҷнун кӯи ту сар мешавад,
Дар таги он рӯзу шоми ман баробар мешавад.

* * *

Чаҳ-чаҳи по чиданат, роҳи ту пояд дилам,
Нуқра занад банди соқ, дида кушояд дилам.

Ошиқи бечорае, зору ҷигархорае,
Аз паят оворае, хона наояд дилам.

Турра занӣ тоҷи сар, чашм кунӣ ҷилвагар,
Рӯй намоӣ қамар, Зӯҳра бароянд дилам.

Зан ба дили зори мо мижа фурӯ,ки биё,
Аз дари чашмакзанат боз дарояд дилам.

Бо ҳама оини хуб, хотири рангини хуб,
Пеши сипоҳии ту сода намояд дилам.

Бо ту шудам ҳамнаво, аз ту нагардам ҷудо,
Бе гапу чуну чаро пеши ту ояд дилам.

То фараҳ орад ба ҷон, ҷон бикушояд забон,
Бар хасу хоки раҳат сина бисояд дилам.

Турраи пар тоҷи сар, лола барояд дилам,
Гоҳ бубандад ба ноз, гоҳ кушояд дилам.

* * *

Маро дар ғами дил мабиншон аз ин пас,
Ба доғи ҷудоӣ масӯзон аз ин пас.

Дилам ҳамраҳӣ бо ту хоҳад шабу рӯз,
Маро зору танҳо намемон аз ин пас.

Бас охир сияҳбахтиву бенасибӣ,
Биё, бахти манро биҷунбон аз ин пас.

Дареғи сари бекасу бенавоям,
Сарамро ба зонуи худ мон аз ин пас.

Нигоҳе ба рӯям намо аз сари меҳр,
Рухатро зи рӯям магардон аз ин пас.

Маро дар ҷудоӣ масӯзон аз ин пас,
Биё, то абад бо мане мон аз ин пас.

* * *

Боди баҳорон вазид, гул ба чаман ноз кард,
Булбули шӯридадил валвала оғоз кард.

Қумрии шабзиндадор масти ҳавои баҳор,
Аз сари сарве ба сарв нағмаи нав соз кард.

Гулпараки меҳрубон дар бари гул ноаён,
Пар ба фиреби назар синаи гул боз кард.

Наргиси хушдори шед аз таҳи барфи сафед
Чашмзанӣ бо ҳамон дидаи ғаммоз кард.

Абри ҳаво аз гулӯ шаддаи дурдона рехт,
Домани дашту даман оинапардоз кард.

Духтараки навбаҳор дар лаби оби равон,
Қиссаи хоби зимистони худ иброз кард.

Меҳр чу Рустам далер, Рахш зи абраш ба зер,
Қалъаи рангинкамон дар ба рухаш боз кард.

Боди баҳорон вазид, гул ба чаман ноз кард,
Булбули шӯридадил валвала оғоз кард.

* * *

Манзари нигоҳи ту сабки бесухан дорад,
Синаи хароби ман оҳи дилшикан дорад.

Гар ғарибу танҳоям, дар диёри ғамҳоям,
Ишқи ту ба хунрезӣ дар дилам ватан дорад.

Ёлаҳои пурлола чун ту сабзу гулпӯшанд,
Абри кокули борон гиря мисли ман дорад.

Гул агар ҳамечидам бахти худ ҳамедидам,
Соқи барфи симинат домани чакан дорад.

Ҷони ман чу мурғи шаб нола мекунад аз таб,
Лаъли ту ба дилбозӣ ханда чун чаман дорад.

Аз лабони хомӯшат, аз бари баногӯшат
Бӯсаҳои гулчинам мӯҳра дар даҳан дорад.

Манзари нигоҳи ту лафзи бесухан дорад,
Синаи хароби ман оҳи дилшикан дорад.

* * *

Барқ занад чашми шаб, ашк биборам агар,
Ранг бирезад шафақ, оҳ барорам агар.

Мурғи чаман пар занад, савту наво дарзанад.
Дар хати барги гуле нома нигорам агар.

Байт бигиряд қалам, шеър шавад пуралам,
Бар сари гӯри дилам шамъ гузорам агар.

Гулвараqи лаълбоз, гавҳари мушкин ба ноз,
Дар бари холи лабаш бӯса нисорам агар.

Дил ба қадам хам занад, хун ба сарам дам занад,
Санаи нарми гулат сахт фишорам агар.

Барқ занад чашми шаб, оҳ барорам агар,
Субҳ кунад тобу таб, ашк бибодам агар.

* * *

Дилбари фарахёрам чида-чида мерақсад,
Аз нигоҳи хушдорам норамида мерақсад.

Чашмаке зада сӯям, мекашад ба ҷодуям,
Дар миёни миҷгонаш нури дида мерақсад.

Шона гар биҷунбонад, мавҷи рӯдро монад,
Ҳам дамида мерақсад, ҳам вазида мерақсад.

Гул зи нӯги ҳар ангушт бишкуфонад аз арғушт.
Ҳамчу оташи Зардушт сар кашида мерақсад.

Кокулони райҳонӣ мекунад парафшонӣ,
Сина аз ҳарири мӯ бардамида мерақсад.

Бо башорати дилҳо, бо назокати гулҳо,
Гаҳ кашида қад боло, гаҳ хамида мерақсад.

Дилбари фарахёрам чида-чида мерақсад,
По кашида мерақсад ё чамида мерақсад.

* * *

Кӯзаи оби сари шонаи гул,
Дили ман ошиқи девонаи гул.

Бисароям ба навои дили зор,
Байти зебандаи меҳронаи гул.

Менисорам ба кафу домани ёр
Ашки дурдона ба маҳронаи гул.

Кош дар дидаи бадбини рақиб
Хори ман сар кашад аз ёнаи гул.

Соягардони сари бекаси ман
Қади бесояи ҷононаи гул.

Даҳани мардуми олам шакарин,
Ҳама аз қиссаву афсонаи гул.

Нарасад ҳеҷ ба доди дили мо
Дили бешафқату бегонаи гул.

Кӯзаи оби сари шонаи гул,
Мани лабташна ба шукронаи гул.

* * *

Дили бенавои худро ба ту месупорам акнун,
Ба дили пур аз ҳавасҳо ҳаваси ту дорам акнун.

Ба дурӯғҳои душман зи рухат назар гирифтам,
Шуда бенасибу танҳо,ба рухи ту зорам акнун.

Зи гуноҳи носипосӣ ғами қадри ту набудам,
Шуда з-он гунаҳ пушаймон, ба ту интизорам акнун.

Зи сабуксарӣ намудам ба ту таънаву маломат,
Дили ту фигор кардам ба дили фигорам акнун.

Бари сад нигор будам, ҳамаро биозмудам,
Ту ягона қуввати ин дили бемадорам акнун.

Туӣ шаҳри орзӯям, туӣ деҳи тозатҷӯям,
Ту баҳои обрӯям, туӣ ифтихорам акнун.

Дили бенавои худро ба ту месупорам акнун,
Ба ҳазор узру зорӣ ба ту рӯ биёрам акнун.

* * *

Зарраи хоке будам, хоса чу дунё шудам,
Сояи шабрав будам, нури мусаффо шудам.

Дасти камоли висол сангари ҳиҷрон шикаст,
Боз ба оворагӣ пеши ту пайдо шудам.

Ҳар пайи доғат ба дил ахтари тобанда шуд,
Аз раҳи нури дилам синасурайё шудам.

Сӯхтам, аз гулханам рӯ-т ҷилодор шуд,
Аз кафи хокистарам боз ҳувайдо шудам.

Гард зи хокистарам бурд ба дарё чу бод,
Аз нафаси мавҷҳо гавҳари якто шудам.

Зарраи хоке будам, гавҳари якто шудам,
Қатраи шабнам будам, домани дарё шудам.

* * *

Ман кафтари симинпарам дар гўшаҳои боми ту,
Ку-кукунон пар мезанам дар манзили ороми ту.

Бо обрўю хўи хуб ёри мани бадхў шудӣ,
Ту дилбари беайби ман, ман ёраки бадноми ту.

Зебо парастуи манӣ, пайвастаабрўи манӣ,
Ман булбули шўридаи рухсораи гулфоми ту.

Бо ҳамдигар хушнуд мо, бо ҳамдигар мавҷуд мо,
Ту раҳнамои рўзи ман, ман ҳамнишини шоми ту.

Гар дар фазои коинот парвоз созем аз нишот,
Ту Зўҳраи ман мешавӣ, ман мешавам Баҳроми ту.

* * *

Гул, ба канори дил биё, дар бари дил ватан бигир,
Ҳалқа ба пои дил бизан, дил ба барам задан бигир.

Сина ба синаам бинеҳ, лаззати синаам бидеҳ,
Лаб ба лабони ман бимон, ҷони ман аз даҳан бигир.

Шаст зи мижжаҳо фикан то таҳи чашми обиям,
Бар сари шасти мижжаҳо мӯҳраи чашми ман бигир.

Тири нигоҳу лахти дил сиху кабоб кардаем,
Аз дили хунчакони ман новаки дилшикан бигир.

Баски давои дард ҳам ранҷи зиёд медиҳад,
Аз сари кӯҳи дарди ман тешаи Кӯҳкан бигир.

Пеши касе мағал макун, ҳарфу сухан дағал макун,
Ёди каломи дилбарӣ аз мани хушсухан бигир.

Гарчи ту марди хуррамӣ, шоҳи тамоми оламӣ,
Даст зи тахту тоҷ дор, доману дасти зан бигир.

* * *

Биё, шуд ком ширинам зи шаҳди номи ширинат,
Биё, як ҷуръае нӯшам зи оби лаъли қандинат.

Бихастам дил, шикастам дил, валекин боз бастам дил,
Ба пои барфи симинат, ба дастони булӯринат.

Суханҳои ту дилбанд аст, лабонат чашмаи қанд аст,
Вале моро намебинад нигоҳи чашми худбинат.

Ҳама холи бари рӯят, ҳама гулдастаи мӯят,
Манам наъли хушовои хироми кафши чарминат.

Ба ахтарҳо дуо гӯям, ба дунёҳо сано гӯям,
Ба оғӯшам агар ояд қади раънои гулчинат.

Ба гардунҳо сар афрозам, қадам бар арш андозам,
Сари шӯридаи зорам агар ояд ба болинат.

* * *

Чун ҳавасам моили коми ту буд,
Рафти нафасҳо ба мароми ту буд.

Мурғи дил аз ғояти шӯридагӣ
Нағмагари гӯшаи боми ту буд.

Рангзании таби мониҳунар
Беҳунари зори тамоми ту буд.

Зарбзаданҳои дами набзи ҷон
Сикказани нусхаи номи ту буд.

Хун бичакад аз дили сад порaам,
Фоҷиаи кори мудоми ту буд.

Мисраи болидаи ваҳшии ман
Кафтари бозигари роми ту буд.

Дил ба ҳама қодирию акбарӣ
Гарди ҳавохези хироми ту буд.

* * *

Ҳамсони ошиқон аст ранги паридаи шаб,
Ранҷи сиёҳрӯзӣ- заҳри чашидаи шаб.

Дашти самои лола гул дорад аз ситора,
Абри сиёҳи ҳола мӯи хамидаи шаб.

Гул карда тоза меруст, доғ аз рухаш ҳамешуст,
Ишқу тарона меҷуст моҳи дамидаи шаб.

Симинпари гиребон, лавҳи ситоразорон,
Дебои каҳкашонӣ домони чидаи шаб.

Исторае фурӯ ҳишт, умре ба охир омад
Бо шӯълаҳои оҳи шабро даридаи шаб.

Аз майсаҳои серун шабнам дамида берун,
Дашту даман чу дарё аз оби дидаи шаб.

Хуноба аз шафақҳо резад ба кӯҳу саҳро
Аз умри ногаҳонӣ поёнрасидаи шаб.

Бо арзиши гароне ҷони ҳақир додам
Як тангаи ситора ашки чакидаи шаб.

Аз пайкари Уроқӣ як мушти хок боқӣ,
Маҳсули корзори дасти ҷаридаи шаб.

* * *

Гулбадан, эй гулшикан, эй гулсухан,
Дар лабони бӯсахоҳат ҷони ман.

Ҳар ду бо ҳам ишқи печон мешавем,
Рӯ ба рӯю мӯ ба мӯю тан ба тан.

Барги лабҳои гулат шабнамфишон
Мисли гулҳои саҳархези чаман.

Шуд мисоли чашми шӯрангези ту
Сӯзи ишқат дар дили мо шӯълазан.

Дил зи мулки синаи ободи ман
Бо ту рафту беватан шуд, беватан.

Гулбадан, эй гулшикан, эй гулсухан,
Дар забони байтгӯят ҷони ман.

* * *

Дили зорам зи нигоҳи ту тапидан гирад,
Нигаҳат аз нигаҳам нози рамидан гирад.

Ҳар гаҳе нарми лабатро ба лабонам гирам,
Лаби номӯхтаат сахт паридан гирад.

Дили ман барраи бемодари лабташнаи шир,
Мижжаи сабзи туро сер чаридан гирад.

Холи занбӯри сиёҳи ту ба гулхонаи лаб
Шаҳди гулбарги тару тоза макидан гирад.

Бар ба бар рафтани моро нигарад чашми ҳасуд,
Лаби худро зи алам сахт газидан гирад.

Нигаҳат бар нигаҳам боз дамидан гирад,
Дилам аз шодшавӣ шиҳа кашидан гирад.

* * *

Ба ёрону ба дилдорон шаби осуда мехоҳам,
Ба ҷони синаафгорон шаби осуда мехоҳам.

Ба дил нуру ҷалоли ишқ, ба сар хобу хаёли ишқ,
Ба ҷони ошиқи нолон шаби осуда мехоҳам.

Чароғи ахтарон бедуд, ҳама дар ҷои худ мавҷуд,
Ба моҳи чархи саргардон шаби осуда мехоҳам.

Ба дарёҳои пурғавғо, ба кӯҳу дашту бар саҳро,
Ба ин дунёи бепоён шаби осуда мехоҳам.

Сабо аз бӯи гул сармаст, наво дар баҳри гул мераст,
Ба мурғони чаманзорон шаби осуда мехоҳам.

Ману кӯю дари дилбар, тани ларзону сарди тар,
Ба абри сим-сими борон шаби осуда мехоҳам.

Дили ғампарвари дунё зи фарзандони бепарво,
Барои модари пазмон шаби осуда мехоҳам.

Чароғи чашм афрӯзон ба сад парвонаи мижгон,
Ба ёри хуштарам аз ҷон шаби осуда мехоҳам.

Ба ёрону вафодорон шаби осуда мехоҳам,
Ба хушдорону дилдорон шаби осуда мехоҳам.

* * *

Ҷойбадилгашта, куҷо меравӣ,
Боз аз ин хона чаро меравӣ.

Майл надорӣ, ки ба мо гап занӣ,
Бо гапи кӣ, пеши киҳо меравӣ?

Ҷону дилу дида ба ту доштам,
Ҷону дилу дида зи мо меравӣ,

Ёри барозида ба озори ман,
Дил ба ҳаво, по ба хато меравӣ.

Дасти ту болои дилам доштам,
Даст зи дил карда раҳо меравӣ.

Мемирам аз ҳасрати ҳиҷрони ту,
Аз бари ман зиндаҷудо меравӣ.

Ҷойбадилгашта, куҷо меравӣ,
Эй, ба Худо бесару по меравӣ.

* * *

Субҳрухи сабохиром, гул ба чаман, хуш омадӣ,
Шабнами гул чакон-чакон, ғунчадаҳан, хуш омадӣ.

Ёди ту ҳамраҳам будӣ ҳар нафасеву ҳар даме,
Сояи сарви меҳрубон, бар сари ман хуш омадӣ.

Карда ба рӯи офтоб ҷони маро ту баҳраёб,
Рӯ ба наботаи хароб шӯълафикан хуш омадӣ.

Дар ҳама шеърҳои ман накҳату рангу бӯи туст,
Олами пуртаровати шеъру сухан, хуш омадӣ.

Субҳрухи сабохиром, гул ба чаман, хуш омадӣ,
Бо хами зулфи пуршикан мушкфикан хуш омадӣ.

* * *

Ошиқи яктост дил, по ба хато нест дил,
Гавҳари дарёст дил, санги ҷафо нест дил.

Аҳд, ки бишкаст ёр, бо кӣ зи нав баст ёр,
Шукри Худо, ҳаст ёр, ваҳ чи бало нест дил!

Мурғи садафболупар, заргули пар, тоҷи сар,
Бонгзану нағмагар, зоғи сиё нест дил.

Оқилу доно чу ман, лек нагӯяд сухан,
Шарм намояд чу зан, дидадаро нест дил.

Хастаи афту дарафт бо ҳамагони бадафт,
Қаҳр бикарду бирафт, ҳамраҳи мо нест дил.

Гиряи бисёр дошт, дафтари ашъор дошт,
Хотири саршор дошт, соданамо нест дил.

* * *

Оташнишони шавқам бо шӯълаи нафасҳо,
Сад ранг ҷилва дорам дар манзари ҳавасҳо.

Хокии хокборам бо ҷони хоксорам,
Овозаи баҳорам дар ёди хору хасҳо.

Бар қалби гулпарастам хори гуле бихастам,
Девори тан шикастам бо шевану ҷарасҳо.

Ҳиҷрон чи дарди мушкил,бовар намудам,эй дил,
То бар ту мерасидам,бишкастаам қафасҳо.

Эй ҳуснҷӯи сонӣ, бигзор бадгумонӣ,
Дурдона чашми мӯрон, дебопаре магасҳо.

Омолу кори моро фаҳми муосире нест,
Шояд ки рутба ёбем аз дарки бозпасҳо.

* * *

Дилҳои мо ба хубӣ парвардаи вафо шуд,
Ҳамфикру ҳамнаво шуд, ҳамрозу ҳамсадо шуд.

Монанди ду парасту ҳамошёна гардид,
Монанди ду кабӯтар як ҷуфти дилрабо шуд.

Дил молу ҳоли мо буд, ҳаққи ҳалоли бодат,
Ишқат ба ҳақгузорӣ моли ҳалоли мо шуд.

Чун партави муҳаббат афрӯхт синаи мо,
Хуршеду Зӯҳраву Маҳ бенуру безиё шуд.

Аз пора-пораи дил кардем қасри ишқе,
Тахти ситораи рӯз дар остони мо шуд.

Дорои гулузорам, яъне ки шаҳриёрам,
Ин ҳадя аз бароям аз даргаҳи Худо шуд.

* * *

Ҳангоми хоби ширин парвоз кардам имшаб,
Худро ба моҳу ахтар дамсоз кардам имшаб.

Дидам қиёми Румӣ, дастору ҷомаи сабз,
Бо Мавлавӣ диламро ҳамроз кардам имшаб.

Сӯям ишорате кард, бар пеши ӯ нишастам,
Дар пеши пири пирон дил боз кардам имшаб.

Аз «Маснавӣ» ба шавқе чун қиссае сурудам,
Бо тори қалби маҳзун хуш соз кардам имшаб.

Байте ба чашми хубон мебаст ошиқона,
Байте ба зери байташ мумтоз кардам имшаб.

Бо шеваҳои риндӣ бо ӯ сухан бигуфтам,
Арзу мароми дилро иброз кардам имшаб.

Кафшаш кашида аз по, хандиду бар ман андохт,
Дилро ба кафши пояш андоз кардам имшаб!

* * *

Сар зи канорам бизан, навдаи райҳони ман,
Дар бари ҷонам биё, ҷони ман, эй ҷони ман.

Рӯй намо чун қамар, аз сари бомам гузар,
То зи ту равшан шавад зулмати ҳиҷрони ман.

Ҳусн, ки нодидаам, ишқ наварзидаам,
Субҳи самандар, кушо чодари мижгони ман.

Хок ба боди ту шуд, бодниҳоди ту шуд,
Ҳампари ёди ту шуд ҷамъи парешони ман.

Ишқи ману сад алам, дасти туву сад ситам,
Ҳеҷ намегашт кам гиряи борони ман.

Бо таби хушманзарӣ, бо назари дилбарӣ
Зӯҳра зан аз ҷайби шаб, нури шабистони ман.

Сар зи канорам бизан, навдаи райҳони ман,
Дар бари ҷонам биё, ҷони ман, эй ҷони ман.

* * *

Муқбили зебопараст ҳеҷ наояд чу ман,
Содаи аз ишқ маст рӯ нанамояд чу ман.

Кист ба селоби ашк бо аламу сӯзу рашк,
Пояи devори ту рахна намояд чу ман.

Ҳеҷ надидам касе, ҷаҳд намояд басе,
Бар дили хорои ту роҳ кушояд чу ман.

Нест касе, хушгиле, ошиқи соҳибдиле,
Бо бағали пургуле сӯи ту ояд чу ман,

Дил,ки ба оҳу наво аз бари ман шуд ҷудо,
Боз, надонам, чаро роҳи ту пояд чу ман.

Нест забунгаштае, куштаву гумгаштае,
Аз сари роҳат ба дав боз бароят чу ман.

* * *

Дар ёди ту оворадилу бесару поям,
Эй войи ману войи дилам, аз ту ҷудоям.

Бекадр аз онам, ки ту ҳамсояи мой,
Ман оби дари хонаи ҷӯбори шумоям.

Аз пушти дарат мегузарам бо дили ларзон,
То модари ту сар набарорад ба дуоям.

Бар модари худ гӯй, ки моро назанад санг,
То рӯзи дигар боз ба пеши ту биёям.

Чун кафтари ман рӯз ба боми ту нишинад,
Аз ман дарак орад,ки ба шаб пеши ту оям.

Эй кош, шавам сояи беди сари кӯят,
Бар ҳавлии ту аз сари девор дароям.

* * *

Аз рухи гул шуд суханоро дилам,
Шоҳи суханпарвари доро дилам.

То ба сари нур хиромон шавад,
Рӯй кунад сӯи Сурайё дилам.

Гоҳ занад об дар оташкада,
Гоҳ канад шӯълаи хоро дилам.

Мешавад аз дуди суханҳои пӯч
Лолаи паркандаи саҳро дилам.

Мешавад аз лутфи суханҳои хуб
Гавҳари тобандаи дарё дилам.

Аз ҳаваси ишқи гуле гаштааст
Мурғи қашанги чаманоро дилам.

Аз рухи гул шуд суханоро дилам,
Ошиқи овораи дунё дилам.

* * *

Эй гул, ки ба нози ту кунад ноз тарона,
Гул дорад аз он олами нози ту нишона.

Мичгони ҳавасбози ман аз шавқу навозиш
Мастона занад бар хами зулфони ту шона.

Ҳар байти хуше баҳри ту гуфтам зи таҳи дил,
Овозаи ишқам бибарад хона ба хона.

То мурғи дилам рӯзӣ аз он суфра биёбад,
Бар холи лабат бӯса занам дона ба дона.

Монанди гулу сабзаи худрӯй бирастем
Дар боғи муҳаббат ману ту ёна ба ёна.

Эй гул, ки ба нози ту кунад ноз тарона,
Бо нози тарона шуда нози ту дугона.

* * *

Ёрам, ки чу он кабӯтар омад,
Гӯё, ки ба хоби ман даромад.

Девору дари сарой мегуфт:
«Хуш бош, дило, ки дилбар омад».

Гум зад дили ман зи шавқу шодӣ,
Ғамҳои дилам магар сар омад.

Он марҳами роз, он гули ноз,
Болидаву тозаманзар омад.

Ашкам ба нисори мақдами гул
Чун шабнами дидаи тар омад.

Ёрам ,ки чу он кабӯтар омад,
Пар чида ба шонаам фаромад.

* * *

Эй маҳи дилороям, ҳамраҳи ту осоям,
Бе ту бесару поям, бо ту чархи дунёям.

Гул шавам ба гесӯят, холаке бари рӯят,
Чун баҳори суратгар ҳусни ту биороям.

Гар занӣ ту бо сангам, бишканӣ дили тангам,
Сояи ту мегардам, аз пайи ту меоям.

Ҷанг бар сарам кам кун, меҳри дил фароҳам кун,
Сар ба шонаам хам кун, ё ба бӯса парвоям.

Эй гули лаби рӯдӣ, кош ёри ман будӣ,
Бо ҳамин хаёлотам, бо ҳамин таманноям.

Ёсу настаран сабзад, лола ҳар қадам рӯяд,
Кӯи ту кунад обод дидагони дарёям.

Эй маҳи дилороям, дар бари ту осоям,
Бе ту реги саҳроям, бо ту шӯри дарёям.

* * *

Соқии маҳрӯ, майе дар ҷом кун,
Ранги ҷомамро гули бодом кун.

Май бирезу ин сари чархидаро
Ҳамрадифи гардиши айём кун.

Зан ба рӯям об, бетобу табам,
Соате сӯзи маро ором кун.

Пас хаёлам то хами зулфат бубар,
Ё диламро ҳампари илҳом кун.

Ё маро аз худ бирону пас махон,
Ё лабатро бар лаби ман ром кун.

Соқии Зӯҳра майе дар ҷом кун,
Ҷоми маҳро дар кафи Баҳром кун.

* * *

Ишқи ту саодати дили ман,
Ёди ту башорати дили ман.

Номи ту расад ба арши аъло
Дар сояи шӯҳрати дили ман.

Монандии мову ту ҳамин аст -
Лабҳои ту сурати дили ман.

Ғайри ту касе наменамояд
Дар манзари ҳолати дили ман.

Дар пушти дари ту гиря кардан
Шуд хислату одати дили ман.

Бо ёди ту ман бичунбам аз ҷой,
Ҳастии ту қуввати дили ман.

Гоҳе ғазале ҳамекунад гул
Аз фикру фаросати дили ман.

Гардӣ зи каломи ишқ хушнуд,
Ой чу ба сӯҳбати дили ман.

* * *

Шаб моҳ барояд ба тамошои Душанбе,
Истора биборад ба саропои Душанбе.

Гар ғӯта занад шом дар амвоҷи чароғон,
То субҳ кунад сайру тамошои Душанбе.

Хуршед саҳар сар кашад аз қуллаи барфин,
То тоҷ ниҳад бар сари болои Душанбе.

Аз ҷониби Варзоб сабо нарм вазида,
Гулгард занад бар рухи зебои Душанбе.

Дар домани сабзаш асари накҳати борон,
Шабнам бичакад аз лаби гулҳои Душанбе.

Гулмоҳиякон тозаву озода намоянд,
Монанди садаф аз таги дарёи Душанбе.

Шаб хоб равад селаи мурғони мусофир
Дар шохи чинорони фалаксои Душанбе.

Ҳар дил ҳавасе парварад аз розу ниёзе
Дунёи дили ман ба таманнои Душанбе.

* * *

Эй гули худрӯ, бе ту хазонам,
Бе ту ба дунё зинда намонам.

То ба саломат ҳадя барам дил,
Сӯи дари ту тири камонам.

Меҳри ту бошад бахту саодат,
Ишқи ту бошад ному нишонам.

Бо ту ҷавонам дар дами пирӣ,
Бе ту кунам пир умри ҷавонам.

Зорӣ намоям пеши Худованд,
То ба қиёмат бо ту бимонам.

Сояи сабзат гар ба ман афтад,
Зери пари он шоҳи ҷаҳонам.

Холи сиёҳат донаи гандум,
Мӯр шавам кош, дона кашонам.

Эй гули худрӯ, ҷони ба ҷонам,
Зиста ҳаргиз бе ту натонам.

# СИТОРАБОРОН

*(дубайтиҳо)*

* * *

Дили бераҳмат, эй гул, шод бодо,
Танат аз дарду ғам озод бодо.
Ба даҳшат сӯхтӣ гар хонаи ман,
Ҳамеша хонаат obод бодо.

* * *

Аё дилбар, харобам аз ғами ту,
Ҳамеша дар азобам аз ғами ту.
Намудӣ ашки манро оби дарё,
Хаси болои обам аз ғами ту.

* * *

Чу қумрӣ бар ҳаво пар мезанад дил,
Чу булбул бо наво пар мезанад дил.
Дар ин беобии тафти биёбон
Намедонам куҷо пар мезанад дил.

* * *

Ман он абрам, ки бороне надорам,
Ман он дардам, ки дармоне надорам.
Саропоям дил асту бедиластам,
Ба ҷоне ҷонаму ҷоне надорам.

* * *

Шароби пор мехоҳад дили ман,
Висоли ёр мехоҳад дили ман.
Зи меҳри Лайливу аз ишқи Маҷнун
Сухан бисёр мехоҳад дили ман.

* * *

Биё, эй қиссаи печидамазмун,
Биё, эй ҳикмати гардони гардун.
Биё, амре намо аз рӯи қонун,
Ба кори ин дили олуда дар хун.

* * *

Зи доғи бекасӣ дар гиря оям,
Зи хориву хасӣ дар гиря оям.
Миёни ин ҳама дарду аламҳо
Ту дар ёдам расӣ, дар гиря оям.

* * *

Дило, хуни ҷигар дар соғарат бод,
Ғаму андӯҳи дунё дар барат бод.
Зи ишқат сӯхтӣ ҷони ҷавонам,
Илоҳо, хоки олам бар сарат бод!

* * *

Зи ишқат чун малак пар дорам,эй гул,
Зи меҳрат то фалак сар дорам,эй гул.
Занам фаёд агар аз шавқи ишқат,
Фалакро бар сарам бардорам,эй гул.

* * *

Пари қу пар-пари домони ёрам,
Хами мӯ бар қади ҷонони ёрам.
Агар аз дӯстдорӣ гап кунам сар,
Хуморӣ мекунам чашмони ёрам.

* * *

Умеди ноумедам, зинда бошӣ,
Сари сабзи сафедам, зинда бошӣ.
Дар ин фасли хазонрези дарахтон
Дили чун барги бедам, зинда бошӣ.

* * *

Ба шоми ёлаҳо шабнам бирезад,
Ба сони жолаҳо шабнам бирезад.
Ба дашту марғзори ин дили ман
Ба ҷоми лолаҳо шабнам бирезад.

* * *

Ситора – шабнами барги гули нор,
Зи танҳоӣ дили ман гашта безор.
Ба ту мегӯям, эй ёри дилозор,
Дили н-осудаи манро нигаҳ дор.

* * *

Ситора хуш баромад аз раҳи ман
Ситора ҳар куҷо шуд ҳамраҳи ман,
Шудам сарсони кӯи дилбар имшаб,
Нашуд берун зи хона он маҳи ман.

* * *

Садо кардам ба гул, гулбонам омад,
Дили носудаам бар ҷонам омад.
Чунон бар ҳоли зори дил гиристам,
Ки дил худ бар сари миҷгонам омад.

* * *

Калиди бахти хоҳар мешудам кош,
Камарбанди бародар мешудам кош.
Сари гӯри падар себаргаи тар,
Асои дасти модар мешудам кош.

* * *

Дилам дарёву ту моҳӣ ба дарё,
Дилам саҳрову ту оҳу ба саҳро.
Дилам барги гулу ту қатраборон,
Дилам дунёву ту хуршеди дунё.

* * *

Гаҳе ман бо уқобон мезанам пар,
Гаҳе бо мавҷи дарё мезанам бар.
Гаҳе бо сад хаёле мисли хуршед
Зи пушти кӯҳу саҳро мезанам сар.

* * *

Дилам бозичае дар дастат, эй гул,
Дилам моҳичае дар шастат, эй гул.
Намуд оҳи диламро пахшу хомӯш
Садои хандаҳои мастат, эй гул.

* * *

Хуморамро шикастам то саҳаргоҳ,
Ба ёди ту нишастам то саҳаргоҳ.
Ба мӯят баски дилро баста будӣ,
Ба мӯят байт бастам то саҳаргоҳ.

* * *

Паризот, эй паризот, эй паризот,
Бимирам дар сафедии кафи пот.
Агар дастам расад бар соқи зебот,
Дами садсолаи ман мешавад ҳот.

* * *

Зи озори ҷудоӣ гӯям, эй гул.
Зи дарди бенавоӣ гӯям, эй гул.
Нишаста то саҳар шабҳои ҳиҷрон,
Ба номи ту рубоӣ гӯям, эй гул.

* * *

Бигардам боғбонат, дар кафам бел,
Шавам чӯпонат, оям бар сари ҳел.
Агар ёрам шавӣ, эй хоҷадухтар,
Ба хоки кӯят аз шодӣ занам ғел.

* * *

Ғами дунё ҳарифи субҳу шом аст,
Ғами дунё зи пушти мо мудом аст.
Агар ҳастӣ мусулмон, эй бародар,
Ғами дунё махӯр, ки ғам ҳаром аст.

* * *

Каломи ошиқӣ мегӯяд ин дил,
Дили ёри куҳан меҷӯяд ин дил.
Агар аз кӯи дилбар по гузорам,
Чу гул хоки варо мебӯяд ин дил.

* * *

Нигоҳи мерубонамро чӣ гӯӣ?
Каломи гулфишонамро чӣ гӯӣ?
Маро, ки пир гуфта таъна кардӣ,
Дили доим ҷавонамро чӣ гӯӣ?

* * *

Дилат чуну ғамат чуну гапат чанд,
Дилат сарду ғамат талху гапат фанд.
Мани дар кори ишқат бегунаҳро
Дилат хасту ғамат кушту гапат канд.

* * *

Туро дидам, садои дил шунидам,
Туро дидам, ба доди дил расидам.
Ту, ки дунёи дил будӣ ба дунё,
Туро дидам, зи дунё дил буридам.

* * *

Сарам сабзидабарге аз тани ишқ,
Дилам парварданози домани ишқ.
Бирахшад мисли маҳ дар мавҷи дарё
Даруни дидагонам гулхани ишқ.

* * *

Бародарҳои ҷон, бо ҳам бисозед,
Зи рӯи ҳамдигар боледу нозед.
Ба меҳру шафқату ҳамдастии хеш
Миёни ҳалқи олам сар фарозед.

* * *

Паризод, эй паризод, эй паризод,
Дилам дар ёди ту омад ба фарёд.
Зи ишқи синасӯзат ҷони ношод
Бишуд обу бишуд хоку бишуд бод.

* * *

Гули ман, хоназоти моҳи хона,
Гули худрӯи саҳроро бимона.
Гулам дорад чу барги гул нишона
Ба болои лабаш як холи дона.

* * *

Дилам чуну дилам чуну дилам чун,
Дилам бо ёди ту шуд косаи хун.
Барои дидани дидорат акнун
Дилам аз чоки сина гашта берун.

* * *

Ғами дил дар шаби ҳиҷронам омад,
Ситора бар сари миҷгонам омад.
Зи фарёди дили н-осудаи ман,
Маҳи шаб то таги долонам омад.

* * *

Биё, эй моҳи нав, дар шоми ғамгин,
Биё, чун мурғи шаб дар шонаам шин.
Бикун ашки маро исторагулчин,
Бигӯ баҳри барори корам омин.

* * *

Гаҳе бо ҳила мекобӣ диламро,
Гаҳе бо нағма метобӣ диламро.
Гаҳе аз қаҳр онро пора созӣ,
Гаҳе бо ханда меёбӣ диламро.

* * *

Умед аз дасти ҳар нокас накардам,
Тамаъ аз кас ба қадри хас накардам.
Вале аз даргаҳи поки Худованд,
Талабгории худро бас накардам.

* * *

Ҳавои орзуро бас накардам,
Шикоят аз замон бар кас накардам.
Ба подории ҳоли рӯзгорам
Ба худ як хонае аз хас накардам.

* * *

Биё гул, дар барам гул, дар барам гул,
Биё, аз бӯи гулҳо хуштарам гул.
Биё, мурдам зи ғамҳои ҷудоӣ,
Биё, хоки раҳат тоҷи сарам гул.

* * *

Сабо мезад ба зулфат шона, шона,
Ба ман оварда пайки шодиёна.
Намедонам лабат медона ё на,
Шудам обу адои холи дона.

* * *

Ман аз чашмони шаҳлои ту гардам,
Зи поёну зи болои ту гардам.
Гаҳе раҳ меравӣ, по чида бо ноз,
Сафеди соқи зебои ту гардам.

* * *

Ғами ту бар дилам зам мешуду зам,
Қади болои ман хам мешуду хам.
Зи оҳу воҳу вовайлои ишқат
Сари миҷгони ман нам мешуду нам.

* * *

Лаби мардафканатро дӯст дорам,
Нигоҳи раҳзанатро дӯст дорам.
Ба ин нозукдиливу шишаҷонӣ
Дили чун оҳанатро дӯст дорам.

* * *

Пари зулфи паригул чун пари зоғ,
Рухи поки паригул меваи боғ.
Барои мижжаи чун сабзаи роғ
Дилам доғу дилам доғу дилам доғ.

* * *

Пари зулфи парафшонат маро кушт,
Сари баргаштамиҷгонат маро кушт.
Дилам доғи рухи фасли баҳорат,
Дили сарди зимистонат маро кушт.

* * *

Гаҳе садранг чун рангинкамонам,
Гаҳе якранг мисли осмонам.
Гаҳе монанди оби поки дарё
Ба берангӣ булӯри ноаёнам.

* * *

Зи фарёди дилам борон бирезад,
Зи борони дилам фарёд хезад.
Агар дилро барам то кӯи дилбар,
Зи оҳи оташаш дилбар гурезад.

* * *

Бибӯсам чеҳраи барги гулатро,
Бинозам мижжаҳои шангулатро.
Бигирам бар кафам чун оби дарё
Бинӯшам обшори кокулатро.

* * *

Камарборик, қадатро гирам оғӯш,
Кунам аз шаҳди гулбарги лабат нӯш.
Зи ҳулбӯи қаланфури баногӯш
Шавам саршору масту моту беҳӯш.

* * *

Сапеда медамад аз кӯҳсорон,
Наво пар мекашад аз обшорон.
Ба поин мехамад абри баҳорон,
Дила гум мезанад аз бӯи борон.

* * *

Дили ғамдидаам беғам нагӯед,
Ду чашмони тарам бенам нагӯед.
Аламҳои дили ман шуд китобе,
Ғаму дарди диламро кам нагӯед.

## ЧАМАНИ ХАЁЛ

1

Дорам вараќи хаёли рангин,
Аз шодию аз фироќи дилҳо.
Чун резиши хотироти борон,
Дар пуштаю кӯҳу дашту дарё.
Як сӯй хазону як сӯ пургул,
Бо бешу ками ҳисоби дунё.
Чун сурати зиндагӣ муборак!

2

Ёрони замони баччагиям,
Ҳамвору шарифу хушкаломанд.
Хушфеълу ҳамидаю баномус,
Таъмиргарони рӯҳу ҷонанд.
Гаштем калон зи рафти айём,
Дар аҳду вафо ҳамеша онанд.
Ёрони азиз,зинда бошед!

3

Дар манзараи хаёли ширин
Ҳавзест булӯру поку ором.
Ҳар баргу гиёҳ дар лаби ӯ
Бо шабнами субҳ шуста андом.
Дар обаки он шино намояд
Як ќуи сафедаки хушилҳом.
Чун дасти нигор менамояд.

4

Боре ба фусуни як нигоҳе
Тире ба ниҳоди сина хӯрдам.
Аз ҳарфу каломи хушлиќое
Худро ба фаромушӣ супурдам.
Ҳар сангу дарахти роҳу бероҳ
Бигрифтаму дар ҷигар фушурдам.
Он рӯз шудам ман ошиќи гул.

5

Ман тифламу бехабар зи дунё,
Бетоқату шӯху бесаранҷом.
Аз ҳадяи навбаҳори тифлӣ
Шодикафу хушнишоту хушком.
Чӯяндаи баччаҳои чумчуқ,
Дар тори дарахту гӯшаи бом.
Дар кӯчаи деҳа медавидам.

6

Субҳесту нолаҳои хунин -
Даҳ духтари деҳ ба хок доданд.
Даҳ дилбаракони пахтачинро
Бар тоқи фариштаҳо ниҳоданд.
Ҳар марду зани ҷафокаши деҳ
Хун аз дилу дидаҳо кушоданд.
Тобути арӯсакон чаканпӯш.

7

Дар деҳа суруди аввалинро
Бо нағмаи Сайфидин шунидам.
Аз ҷомаи гулнигораи ӯ
Як дона гули бунафша чидам.
Ӯ рафт ба фатҳи илм чобук,
Бар гарди пояш намерасидам.
Созаш ба дилам забона мезад.

8

Дар чанги шабе ба ҷони ноком,
Дар шевану дард баста будам.
Дар хилвати дил ба ноумедӣ
Бо ёди падар гириста будам.
Ваҳ, бепадарии баччагиям,
К-озурдаву дилшикаста будам.
Аз дурри ятим домане пур.

9

Деҳ пурғаму дар канораи он
Бо тиру туфанг аскари Рус.
Чанде бикунад ба Рус хидмат,
Чанде дигаре ба хонае руст.
Дар деҳа касе нарафта сарфаҳм,
Кӣ деҳафурӯшу кӣ ватандӯст.
Қаҳтиву шиканҷаву хиёнат.

10

Шаб мисли чароғ медурахшад
Дар партави моҳ рӯи дарё.
Мӯру малахон ба хоби ширин,
Осуда ҳама канори дунё.
Дар кӯчаи Каҳкашон ҳамерафт
Маҳтоб чу духтарони саҳро.
Ногоҳ Замин чӣ ларзае кард.

11

Қавси кӯзаҳе ба фарқи Туда,
Бо ҷилвагарин ҷилвабахшӣ.
Дар ёлаву ғори Ҷарбулоқ аст
Рагбори кабӯтарони ваҳшӣ.
Хуршед зи роғи абрпора,
Моил ба ҳавои тозарахшӣ.
Як шӯълаи барқ медурахшад.

12

Дилдори бараҳнасоқ мерафт,
Атри нафасаш чу накҳати гул.
Ҳай-ҳай қади навинҳоли серун
Зебанда ба дастаҳои кокул.
Ҳар банди хамида мушкрезон
Аз хирмани хӯшаҳои сунбул.
Таннозу суманбару муаттар.

13
Озода фарози тӯйхона
Аз ҷилваи духтарони қишлоқ.
Гӯё зи ҳово фуруд гашта
Як села кабӯтарони офоқ.
Гулкардаи рақсу созу ханда,
Парвардаи шаҳду ширу қаймоқ.
Як духтараке ҳазину ғамгин.

14
Гулбазми фариштагони қандил,
Сад валвалаи ҷаҳони пуршӯр.
Беғам, ки даме задем бо ҳам,
Бо сози фараҳфазои Темур.
Омад ба ҳавои шеъри Ҳофиз
Парвози хуши таронае ҷӯр.
Бо рақси фариштагони фаттон.

15
Як баччаи хушлибоси шаҳрӣ
Бо духтари деҳа рафт арғушт.
Духтар ба адои дилбарона
Рақсида ошиқон ҳамекушт.
Он ошиқи деҳияш ба ошӯб
Лаб хоида панҷа мекунад мушт.
Ишқ асту ҷавонию рағобат.

16
Як булбули хушнаво баҳорон
Дар боғи дилам тарона хонад.
Бо савти маҳини резаборон,
Суре ба димоғи дил дамонад.
Бигзашт баҳору рафт борон,
Булбул ба куҷо,касе надонад.
То соли дигар ман интизорам.

17

Он шаб ба ҳавои дидани гул
Оҳиста дари варо бикуфтам.
Дар во шуду оташину хашмин
Гуфто, ки дигар маё нагуфтам?
Рафтам зи дараш ва қиссаҳояш
Бар кирмаки шабчароғ гуфтам.
Зӯҳра ба карашма чашмаке зад.

18

Андар шаби хоб тоза дидам
Он чеҳраи бонишоти Лоиқ.
Парвози баланди шеъри ӯ буд.
Бо авҷи хаёли ман мувофиқ.
Дар иқлими шеъри чун баҳораш
Шуд обу ҳаво ба ман мутобиқ.
Он рӯз зиёраташ расидам.

19

Бобои хатиби ҳолдонам
Бо азми қирони қибла шуд рост.
Аз пушту бараш кули халоиқ,
Аз баҳри намоз сад саф орост.
Бо гуфтани "Оллоҳу Акбар!"
Овоз зи санги қалъа бархост.
Бобои ман он замона шуд нур.

20

Дидам ҳама хубии ҷаҳонро,
Дар дидаи босафои модар.
Дар ҳар қадамам баланд омад
Дастони пур аз дуои модар.
Меҳри зану эҳтироми фарзанд
Як зарраи хоки пои модар.
Бар дида кашам зи хоки нояш

21
Андар пури зарфҳои лойин
Момои кулолам оташ афрӯхт.
Ҳар хурма шуда чу лола алвон,
Ҳар кӯза мисоли лола месӯхт.
Дар гулхани пур зане ба дастур
Дар деги калон зувола андӯхт.
Мерехт арақ зи рӯи Момо.

22
Истода мисоли шоҳи дарё
Санге ба миёни оби Байкал.
Дода бару рӯю дасту тоҷаш
Борону шиботу бод сайқал.
Ҳар мавҷ шитоб менамояд
Бар бӯсаи пройгоҳи ҳайкал.
Дурдонаи тоҷи ӯст Хуршед.

23
Маҳпора тани бараҳна хоб аст
Дар бистари барфи парниёнӣ.
Гесӯ ба бараш ҳарираи шаб,
Пӯшида танаш ба меҳрубонӣ.
Аз мӯ сари синаҳост берун,
Чун меваи сурхи арғувонӣ.
Ин хоби маро касе надида.

24
Дар гӯши бунафша донаи дур,
Аз қатраи шишагини борон.
Дашту дамину сарову барзан,
Аз лолаи арғувон чароғон.
Шабнам зи дами шарораи шед,
Дар сояи сабза гашта пинҳон.
Занбӯри асал чу хол дар гул.

25

Аз чашми кабуди абри симин
Фаввораи нури сабз резон.
Шуд сояи абр дар хами нур
Бар домани даштҳо гурезон.
Дар домани абрҳои дилбар
Ҳар тарҳу пайе шарорабезон.
Домони уфуқ гулхан афрӯхт.

26

Шере ба виқору чангу бозу
Бар ходими лоғаре кунад гӯш.
Ҷаста зи миёни ҳалқа боло
Аз зина фурӯ фитода хомӯш.
Ходим бикунад ба чӯб бозӣ
Бо он думи шер чун думи муш.
Дар доми тамаъ чу рӯбаҳе шер.

27

Чун гург шав,эй бародари ҷон,
Рӯзӣ ба кафат биёвар аз пой.
Чун қиссаи нанговари шер
Лабро ба қути тамаъ маолой.
Аз меҳнати дасти хеш, ошом.
Аз меҳнати худ ба ҳар ки бинмой.
Шоҳон зи тамаъ гадой бошанд.

28

Дар тирашабе ба савти борон
Дар барги лабаш ҳамечакидам.
Бо ларзиши шамъҳои ангушт
Дар мӯи шабаш ҳамехазидам.
Ҳарчанд чакидаму хазидам,
Бар марзаи дил намерасидам.
Қаҳри гули ман идомае дошт.

29

Аз дасти нигори беҳавоям
Бар вартаи ғам расида будам.
Як чоки дилам агар бубастам,
Сад чоки дигар дарида будам.
Май хостаму варо фаромӯш,
Аз май мададе надида будам.
    Ашкам бичакид дар пиёла.

30

Дар соҳиламу парии дарё,
Бар хаймаи мавҷи ман биё, гуфт.
Обӣ шудаму гирифта оғӯш,
То хонаи қаър бурдамаш муфт.
Аз рақсу хироми духтри об,
Ҳар мӯи танам чи ғунча анӯхт.
    Дурдона нафас бирезам аз шавқ.

31

Соиқа фурӯ заду ба ҷангал
Анбӯҳи булуту коҷ месӯхт.
Дудаш ба тани даридаи абр,
Аз пораи худ ямоқ медӯхт.
Бас абри сияҳ ғуриду пошид,
Бас ҷангали сабз гулхан афрӯхт.
    Дунё шуда андар обу оташ.

32

Мо маҳви яке дурӯғи зебо,
Бобои Набӣ ба қиссахонӣ.
Аз ҷангу харобаҳои Гирмон
Сад қисса барад ба нотамомӣ.
Дар ҷангали Рус кунад ба Жуков
Чойе ба алови подабонӣ.
    Дар ҷайб ҳамеша қоқчояш.

33

Ӯ бо ҳама ҷуръату ҷаҳонӣ
Шаб аз бари Дон убур намояд.
Дар даст таёқи подабонӣ,
Бар урдуи душманон дарояд.
Чанда ба таёқ ҷанг карда,
То субҳ ба соҳили худ ояд.
Оварда чаҳор немисеро.

34

Чун синаи оташини ман шамъ
Андар дили шаб аланга гирад.
Ман аз суханони сард мирам,
Ӯ аз дами боди сард мирад.
Ӯ худ, ки ҷаҳони шеъру маънист,
Байти ками мо намепазирад.
Шаб ҳамраҳи шамъ мегиристам.

35

Он дашти қазоку барфбодон,
Бо бориши барфҳо равонем.
Аз «шӯхӣ»-и барфбоди ғуррон,
Худро ба куҷо задан надонем.
Истода миёни саксавулҳо,
Барф аз руху мижжаҳо фишонем.
Аз дурӣ аул наменамояд.

36

Дар домани кӯҳи бегиёҳе
Пайкори ҳаромиёни мозӣ.
Иблису Заҳҳоку шоҳ Намруд
Биншаста ба фисқу қартабозӣ.
Заҳҳок занад ба фарқи Намруд
Муште ба гуноҳи ҳиласозӣ.
Иблиси лаъин зи қаҳ-қаҳа суст.

37

Ҳар бехаву решаҳои хазро
Домони пур аз хазина бикшод.
Себарга ба ҳолати хаму рост
Бар обаки ҷуй бӯса медод.
Қоқу ба русуми модарона
Пистон ба даҳони барра бинҳод.
Дар пуштаву дашт нолаи най.

38

Чун боди сабо дамодами субҳ
Бар домани дашт мевазидам.
Дар сабзаи наврасидаи он
Чун шабнами соф медамидам.
Гаҳ сурати оҳувони саҳро
Гулғунчаи қоқу мечаридам.
Хуфта лаби чашмаҳои сероб.

39

Хушдил будаам ба шеъри тоҷик,
Ҳам бар дили бекарони Фарҳат.
Гарде ба ҷалоли дил гирифтам
Аз хомаи зарфишони Фарҳат.
Пурсам зи баҳору боду борон
Кӯю гузару нишони Фарҳат:
Устоди маро шумо надидед?

40

Бурда зи ман олами таманно,
Ё хоҳиши бекаронаи дил.
Дар домани ӯст доғи ашкам,
Дар холи лабаш нишонаи дил.
Дорам ба сароби лавҳи хотир
Шеъру ғазалу таронаи дил.
Аз ишқи гузашта ёдгоре.

41

Теғи нигаҳи ҷигардари ёр,
Сад реш занад ба синаи мо.
Чун барқу шаҷар ба ҳам хӯрад бар
Қалби ману нури чашми шаҳло.
Дасте ба куҷост,гирадам даст,
То дарнафитам ба оби дарё.
Гирдобу шиноварӣ чӣ мушкил.

42

Дар шохи анор муғча ҷунбид,
Пероҳани сабз ҷигда пӯшид.
Аз синаи барф лола бишкуфт,
Аз пайкари санг чашма ҷӯшид.
Бо савти ҳазору қақбаи кабк
Дарёчаи кӯҳ мехурӯшид.
Болу пари гулпарак нигорин.

43

То машъали субҳ аз сари кӯҳ
Бар водии сабз доман афрохт.
Водӣ зи сафои тобиши нур
Чун боғи биҳишт ҷилва месохт.
Ҳар мурғи чаман ба мақдами субҳ
Бо созу суруду нағма пардохт.
Хамёза кашид оҳуи кӯҳ.

44

Дар шонаи кӯҳ ҳамчу анқо
Хуршеди баҳор ҷилва кардӣ.
Медод зи минбари саховат
Бар нуқраи барфи кӯҳ зардӣ.
Аксеш ба рӯи оби дарё,
Дарё чу чароғи лоҷувардӣ.
Аз сахра гулоб метаровад.

45
Бо боли хаёл шаб паридам
Бар найзаи нур синасоён.
Бо суръати нур мерасидам
Бар мулки фариштаю худоён.
Бо ларзаи Арш канда гаштам
Аз ҳалқаи ахтарон ба поён.
    Шеъре шуда рӯи дафтари ман.

46
Мурғони ситорагони офоқ
Шаб дар бари ман хамида буданд.
Андар лаби чашмаҳои чашмам
Биншаставу бол чида буданд.
Нӯшида зи оби чашмҳоям,
Вопас ба ҳаво парида буданд,
    То пай набарад нигоҳи Хуршед.

47
Фаҷр асту само ба рангбозӣ,
Барф асту шави ситораборон.
Дар кишвари каҳратуни қутбӣ,
Бо сад мағалу ғавазиронон
Бигзашта зи назди чумҳо мо
Кулвори нафас- яхи гиребон.
    Пири шамане баромад аз чум.

48
Абри сияҳе чу аждари данг
Шаб селаи ахтарон фурӯ бурд.
Зад наъраву оташ аз даҳан рехт
В-он косаи шири бадрро хӯрд.
Аз шӯълаи барқу наъраи раъд
Дар хона чароғи барқиям мурд.
    Шуд равзанаҳо чу чашми дуздон.

49

Аз паҳлуи абри шакли Одам,
Ҳавво шуда маҳ ба бурун баремад.
Бар мақдами чуфти зоти мумтоз
Дунё ба фару таровиш омад.
Ҳар ахтари шаб ба пойкӯбӣ,
Ҳар бурҷи фалак ба ҷунбиш омад.
Зӯҳра ба хирому рақс сармаст.

50

Оташ ба миёни ғаллазорон
Болида зи бод меситезад.
Ҳар хӯшаи бебаҳои гандум
Бирён шуда рӯи хок резад.
Ризқи ҳама дар даҳони оташ,
Оташ, ки чу аждахо бихезад.
Мардум ҳама он тараф давиданд.

51

Дӯшиза ба хобу хоб медид,
Хобест,ки кош менадидаш.
Як баччаи бетамизи бешарм
Бӯсид аз он лаби базебаш.
Бонге заду ҷаст, гашт бедор,
Ларзида зи шевану гиреваш.
Рухсора зи шарми духтарӣ сурх.

52

Дар тахтаи санги кӯҳи Анзоб
Нақши қаламии чашми зебост.
Наззораи ӯ зи тахтаи санг
Ҳар сӯ ки равем, ҷониби мост.
Чун дидаи модарони раҳпо
Тобандатар аз чароғи дилхост.
Наззора ба роҳ менамояд.

53

То нолаи модари ҷигарсӯз
Шаб ҳамраҳи бод меравад дур.
Аз гиряи ӯ гиристам ман
Бар бахти нагуну қисмати шӯр.
Оҳаш бирасад ба пуштаи сабз,
То теппаи хоки кӯчаки гӯр.
Тифли ӯ ба зери хок хуфта.

54

Аз шонаи мижжаҳо ҳилол аст,
Абрӯи бирешимини қокум.
Дил зори ниёзу акси ман боз
Дар чашми баноз мешавад гум.
Наззоратироз сурате соз
Бо ҳалқаи мавҷҳои қулзум.
Дар қатраи об хуфта бошам.

55

Тифлию канори гарми модар,
Гаҳвораю бӯи ширу ҳулбӯ.
Ҳамроҳи падар ба сайру гардиш,
Дар тахти равони шонаи ӯ.
Шодиву нишоту байту бозӣ
Бо гиряи хоса ҳамтарозу.
Эй кош,ки боз мешудам тифл.

56

Бо сактаи шеър чанд будам,
Фарҳат ба қанотам такон дод.
Устоди закии нуктадонам,
Мавзунии дил ба ман нишон дод.
Чун дасти мадад аз ӯ бидидам,
Табхоли забон гаҳам амон дод.
Бе пир сикандарӣ нашояд.

57

Рӯҳам,ки мисоли мурғи ваҳшист,
Бар боми дилам намефарояд.
Бигзошта синаи ғарибам,
Пар ҷониби ахтарон кушояд.
Дунёи дилам хуш асту озод,
Зиндони танам хушаш наояд.
        Дорад ҳавасу ҳавои парвоз.

58

Гӯши ману он лаби сухангӯ,
Бо қиссаи шаб чу шамъ месӯхт.
Дар дидаи ӯ умеди армон
Наззора ба чашми ман басе дӯхт.
Бо мижжаи шаҳпари парасту
Дар бар дари сина ҳалқа мекӯфт.
        Исёнгари ишқ дидагонаш.

59

Парвози насиму рақси лола,
Дар домани кӯҳ фасли Наврӯз.
Қоқуву шақоиқу сияҳгӯш
Дар пуштаю дашт машъалафрӯз.
Чун қаҳру ғиреви Аҳриман раъд,
Ҳурмуз рухи офтоби гулдӯз.
        Буд қавзи қӯзаҳ чу хаймаи Зол.

60

Чолоксавори ҳамчу оташ,
Шасташ ба мисоли хези дарёст.
Барҷаста ба пушти аспи безин,
Чун тир ба сӯи дара шуд рост.
Аз наъраи шаҳсавори бебок
Зоғи сари ёла бар ҳаво хост.
        Афтонида тӯъмааш зи минқор.

61

Аз сӯҳбати модари азизам
Ояд ба дилам ҳаловати ҷон.
Ҳар гуфтаву ҳар насиҳати ӯ
Чун қатраи поки оби борон.
Резад зи баёзи лафзи гӯёш
Дурдонаи сураҳои Куръон.
Гуфто:баракат ба умрат,Омин!

62

Тобад ба танӯри абр Хуршед
Чун курраи тафтарези Довуд.
Сандони кӯҳ асту зарбаи раъд,
Дар пайкари кӯҳ шӯълаву дуд.
Як ҷавшани тӯр-тӯри борон,
Афтода ба оби лоини рӯд.
Мегашт бухор оби оҳан.

63

Ҳангоми сапедадам шафакҳо
Бигрифта ба даст косаи хун.
Ҷастам зи даруни хуни сина
Бар сӯи шафақ чу бод берун.
Хун хӯрдани он шафақ чу дидам,
Гуфтам:"Ту чунӣ, ки ман ҳам он чун".
Хуршед ба ханда гашт моил.

64

Андар кафи бод теғи сармо,
Дар домани кӯҳ кӯҳнавардон.
Як тармаи кӯҳ канда гардид
Аз қуллаи кӯҳ сӯи поён.
Аз кӯҳ чу кӯҳ мефаромад
Бо ҳайбати барфбоду тӯфон.
Бо шевани ҷонхароши одам.

65

Зебо зани дилрабою танҳо
Бинмуда ба шаб нишоти ширин.
Андар бари марди дӯстдораш,
Дар бистари бӯсаҳои гулчин.
Оғӯши ҳарифу печутобе,
Пероҳану мӯй гашта пурчин.
Дардода садои пур зи лаззат.

66

Туғёни балои баҳри пурҷӯш,
Киштӣ ба миёни мавҷи тӯфон.
Бар оинаҳои сабзи киштӣ
Мезад сари мавҷ доманафшон.
Як шӯри қиёматеву даҳшат,
Девонагиҳои боду борон.
Эй Ҳазрати Нӯҳ, мадад ба мо кун.

67

Найсон,ки ба рӯи оби ором
Оҳистаю поку тоза мерехт.
Ҳар қатраи он ба ҷӯши дарё
Чун оташу об дарҳам омехт.
Моҳичаи қаъри сояравшан
То бар таҳи обсабза бигрехт.
Бар қатра садаф даҳан кунад во.

68

Бар зонуи ёр хуфта будан,
Сад розу ниёзу бахту шодӣ.
Сар дар бари рони чун пари қӯ,
Машғули нишоти қайқубодӣ.
Болои сар аз табассуми гул,
Нури ҳасани худойдодӣ.
Бедор макун маро, худоё.

69

Маҳфил ба ҳавои завқу ханда,
Султони Муроди базлагӯ буд.
Он шоири шӯхи деҳи Тӯда
Дар минбари базм тозарӯ буд.
Бо лутфи хушу дами ғароиб
Дар лаб сухану ба каф сабӯ буд.
Дар мӯи ӯ давлати сафедӣ

70

Дар оғӯши бод меравад, ваҳ,
Бо қомати фитнаҷӯй гулхан.
Мешуд зи паранди мӯ намоён
Испедаи он баёзи гардан.
Гуфтам, дили ошиқам бимонам
Дар дидгаҳи нигоҳи раҳзан.
Дил дар кафи дасти ман бишуд об.

71

Чун тавсани саркаши хаёлам
Дар дашти сухан ба пеш метохт.
Бо хезу таки ғуборхезаш
Девонагиҳо дуруст месохт.
Аз шиҳакашию чидани сум
Гӯшам ба наю тарона бинвохт.
Дар ёли тараш тулӯи Хуршед.

72

Бедор шудам ва дар канорам
Маҳпораи шом хуфта дидам.
Рухсораи арғувони ӯро
Чун лолаи навшукуфта дидам.
Он шонаю дасту соқи симин
Чун мармари ширсуфта дидам.
Андар занахаш таровиши ҳусн.

73

Чун гарди хазинае ба тобиш
Дар зулфи качаш фитода будам.
Аз тори сиёҳи ҳалқа-ҳалқа
Оинаи дил кушода будам.
Ҳар банду хаме чабида дар худ,
Торе ба ҳаво надода будам.
Аз рашк сабо маро намехост.

74

Бар ман Назари Мудин ба хубӣ,
Кори гузарои оҳан омӯхт.
Дар синаи толибу аминам
Нуре зи шарори оҳан афрӯхт.
Аҳлам зи суботи кори устод
Нуртобии кори оҳан андӯхт
Дастам раҳу рутбаи ҳунар ёфт.

75

Печида ба пайкари шахи бед
Сад навдаи токи мори печон.
Ангури сиёҳи шишагинаш
Чун дидаи духтарони фаттон.
Ҳар хӯшаи оҳарини равшан
Монанди ҳамели дуру марҷон.
Дар дасти дарахт чун чароғе.

76

Сӯям назаре намуду гуё
Бар сина алови ман расидаш.
Наззора ба рӯи ӯ намудам,
Аз дида шарораҳо паридаш.
Андар нигаҳаш ҳаёву ташвиш,
Сурхӣ бари рӯй медамидаш.
Шарми хуши духтарона зебост.

77

Меҳмони навини хаймаи хок,
Бар турбати ман аланга афтод.
Зад чанг Малак,бишуд кафан чок,
Дил кандаву роғи сина бикшод.
Ғамҳои дили ҳазини манро
Бигрифту ба дӯши бод бинҳод.
Ман шевани бод мешунидам.

78

Доси маҳи нав ба рӯи пушта
Машғул ба шабдарав бигардид.
Гулводии сабзи шабнамолуд
Бар домани худ ситора мечид.
Теғи маҳи нав зи фарқи ҷигда
Дар оби зулоли чашма афтид.
Шуд дар таги об пора-пора.

79

Ҷамъияти бангиёни берӯ
Озори дил асту дилнавозӣ.
Гаҳ нархашаю гаҳе ҳақорат,
Гаҳ хандаи шӯху рақсу бозӣ.
Гаҳ мардию гаҳ талоши номус,
Гаҳ фитрати пасту ҳиласозӣ.
Некию бадӣ ба ҳам баробар.

80

Чун дуди тамоку абрпора
Дар қуллаи кӯҳи теғамармар.
Водӣ ба навои савти дарё,
Бо нағмаи Ҷӯрабек ҳампар.
Як сурату манзари дилангез
Он рӯзи баҳори деҳи Дар-Дар.
Хуршед чу завраки Зарафшон.

81
Даште ба баҳори сабзу хуррам,
Сабзида суман расида торон.
Ояд зи канори атрбезаш
Овози таронаи ҳазорон.
Суратгари абру моҳу хуршед,
Оинаи субҳи лолазорон.
Андар дили дашт сояи абр.

82
Дил дар табу тобу дарду андӯҳ
Аз навҳаю нолаи шабовез.
Дар мижжаи шаб ситора чун ашк,
Ё мижжаи шаб пари гуҳарбез.
Аз мижжаи шаб ситора афтод
Бар мижжаи бемадори ман низ.
Аз дида ситора мегиристам.

83
Гургиназиреҳи хаймаи сурх,
Чун маъбади кӯчгарди Мӯсо.
Тиллоӣ сутуну тахти заркӯб,
Ёрам чу буте нишаста он ҷо.
Қурбонии рашк мебарам пеш,
Маъюси гумони пӯчу беҷо.
Уфтода ба руй тавба кардам.

84
Ҷонона, ҳама бисоти дилро
Додам ба яке таронаи ту.
Дар домани ту нишонаи ман,
Дар синаи ман нишонаи ту.
Ширинии зиндагонии ман
Аз олами пурфасонаи ту.
Гаҳвораи сабзи ту муборак!

85

Эй ҷилваи қомати ғуруррин,
Ҷонам ба ҳавои ту занад пар.
Эй гашта сарою хоки кӯят
Аз дидаи хунчакони ман тар.
Ёди ту кунам агар замоне,
Дил нолакунон ҳамекашад сар.
Ин синаи нозукам дарида.

86

Бо иблиси бефари ниҳодам
Дар ҳолати рӯ ба рӯ нишастам.
Бонги қадаҳу фиғону мастӣ,
Ҳам шишаву ҳам қадаҳ шикастам.
Дар думби дарози ӯ паноҳӣ
Аз ҳазл гиреҳҳалқа бастам.
Он ҳалқа ба гардани ман андохт.

87

Оҳе ба мисоли барқу оташ
Аз марги ҷигардари ҷигарбанд.
Бо шевани ҷонхарош мегуфт
Аз дасти каму фироқи фарзанд,
К-"Эй ҷонаки бенавои модар,
Охир кафанат наёбаме чанд"!
Эй баччаи пою сар бараҳна...

88

Оинакафест пои симин,
Он гуна ки рӯи худ бубинам.
Дар як ба яки ҳисоби ангушт
Ангушт ба бӯсаҳо бичинам.
Боло назаре намуда, яъне
Як лолаи навшукуфта бинам.
Дар чеҳраи гул дамида шабнам.

89

Мамлуи латофату афифӣ,
Аз ҳусни расои дилписандаш.
Бар ҷониби мо дигар натобад
Нури нигаҳи ҳавобаландаш.
Нашкаст, ки ташнагии моро
Дар чашмаи он лабони қандаш.
Сад сол накарда ёди ошиқ.

90

Танҳоии зан чӣ дарди мушкил,
Озода таневу ҷони зиндон.
Чун ганҷи бузурги хусравонӣ,
Бе қуфлу калиду бе нигаҳбон.
Дар лаб ҳама хандаи дурӯғин,
Дар сина диле кабобу бирён.
Бо болини з-ашкҳои шаб тар.

91

Бо гулпаракони бӯсаборон
Қасди лаби гул намуда будам.
Чун шонаи ғунчаҳост миҷгон,
Во шуд мижа,дида гул намудам.
Аз дидаи мавҷхези гулҳои
Як барги гули таре рабудам
Дилшод шудам ба ин ғанимат.

92

Эй марҳами роз,ёри дилбоз,
Аз камдилиям макун шикоят.
Аз беғамиям задӣ даме чанд,
Аз бесариям макун ҳикоят.
Аз меҳри камам магӯ, дурӯғ аст,
Ҷонам ба фидои хоки поят.
Дигар гила кам кун аз мани зор.

93

Иброҳими Хоҷа ринди пире,
Дар базму сурур дил кушода.
Рӯмоли миён кушоду андохт,
Бедонааш аз бағал фитода.
Рубле ба лабаш гирифта рақсон,
Бо лаб ба лаби рақоса дода.
Мерафт самоъ чу сӯфие пир.

94

Гандумгунаи ниҳоли гандум,
Заҳматкаши қисмати худоӣ.
Бо пои бараҳнаю кафида,
Бо созу садои ошноӣ.
Дар кӯча равона роҳу бероҳ,
Дархурди наво ба бенавоӣ.
Девонаи Ҳақ шудаст Бобо.

95

Аз аҳли диловарони ҳаҷрам,
Бошад ба умеди диданат дил.
Аз ошиқиям фасона ҳар ҷо,
Аз васли ту каф ба бод ноил.
Қоилшудаҳо шаванд ошиқ,
Ошиқшудаҳо набуда оқил.
Ошиқ нашавӣ,набошӣ одам.

96

Наззораи ноз,музтарам соз,
То дил ба барам ба ҷунбиш ояд.
Машъал ба раҳи дилам барафрӯз,
Дар кори дилам кушоиш ояд.
Он гуна асиру ошиқам кун,
То ҷон ба танам ба нолиш ояд.
Яъне нафасам шавад чу оташ.

97

Парвонакамар чакан гули бар,
Чун дастаи гул афифу рангин.
Гул бар сару доману гиребон,
Чун ғунчаи гул лаби гулоин.
Чархида, чамида пош медод
Сад наргису ёсамину насрин.
Рақсидани ӯ чу нози гулҳо.

98

Вайронагари баҳори сармаст,
Тундар ба фиғону жолаборон.
Пероҳани тору пуди баргин
Шуд пора ба пайкари дарахтон.
Урён шуда навдаҳои пурбар,
Чун манзари фасли тирамоҳон.
Баргу гулу лолаҳо дарида.

99

Гунҷишкаки шод дар лаби рӯд
Худро ба канори об мезад.
Дар домани сабзаҳои атроф
Бо панҷаи пар гулоб мезад.
Он рӯд чу найнавози мумтоз,
Себаргаи тар рубоб мезад.
Печида ба тори обшорон.

100

Мазмуни саодаташ ғамомез,
Медонӣ,ки зиндагист номаш.
Шодастӣ зи касрати ҳарисӣ,
Бингар, ки аз он шудӣ ғуломаш.
Бо фанди шароби ӯ чашидам
Бас заҳри ҳалоҳиле зи ҷомаш.
Эй кош маро назод модар.

101

Ашкам чу шарораҳои сӯзон
Мерехт зи ҳасрату аламҳо.
З-ин зиндагии тиҳӣ гирифтор
Ҷонам ба маломату ситамҳо.
Як пора диле даруни сина
Бишкастаи дарду ранҷу ғамҳо.
Чун оташу уд мекунам дуд.

102

Эй орифаи дили назарбоз,
Моро зи лабат шикояте ҳаст.
Аз накҳати оғуши баҳорат
Дар хотири дил ҳикояте ҳаст.
Як бор ба мо таваҷҷӯҳи ту
Чун давлати бениҳояте ҳаст.
Бар ошиқи худ инояте кун.

103

Селоба чу мори сангхӯрда
Мезад ба фарози бора ҳаллос.
Аз шӯълаи барқи оташакрез
Зад шонаи пуштаҳо ялаққос.
Дар батни ниёзманди ҳар ҷузъ
Шуд нуру шарар чу нутфа эҳсос.
Ҳар суй дамида занбурӯғон.

104

Кокул ба нишеби соқи симин
Сар карда фурӯ ба мушкбезӣ.
Зулфон ба ҳавои парфишонӣ
Бар оташи рӯ ба бодбезӣ.
Ҳусне ба намо намои маҳтоб,
Миҷгон бикашад ба нозрезӣ.
Абрӯи нигор мешудам,кош.

105

Холи сияҳаш зиёдии ҳусн,
Болои лабаш чу дурри макнун.
Ё чоки садаф зи ҷавҳари хун,
Якдонаи худ фиканда берун.
Чун лаб ба лабаш ниҳода будам,
Холаш ба алам садо задӣ чун:
"Маҳбуб,маро чаро набӯсӣ?"

106

Ворид шудаму ба хона дидам,
Гулбунсанаме ба хоби ширин.
Бар оҳуи бехабар дар ин дам,
Гургисифатӣ ба ман шуд оин.
Дил хост равам хазида чун бабр,
То қуллаи теғаҳои барфин.
Аз ҳамла баногаҳ огаҳӣ ёфт.

107

Шаб нағмаи мурғакони бехоб
Ҳамроҳи сабо ба соз омад.
Маҳтоби фалак ба тозарӯӣ
Бо дилбарию ба ноз омад
Аз ҷодаи боғи сояравшан
Гулбунаи дилнавоз омад.
Бар дидаи соя по ниҳода.

108

Бас марзу вилояте сипардам,
Роҳи сафар асту ёди рӯят.
Он гуна шудам зи ғусса дигар,
Дил гум бизанад дар орзӯят.
Эй шодии умри бонишотам,
Ҷонам ба фидои рангу бӯят.
Бе ишқи ту зиндагист чи мушкил.

109

Наззора,ки мекунад ниҳонӣ,
К-аз тоби нигаҳ алав гирифтам.
Дидам,ки ду дида шӯри дарёст,
То бар лаби об дав гирифтам.
Аз чашми шаҳоб қатраи об,
Ҷон дар гараву гарав гирифтам.
    То бар дили сӯхта диҳам пош.

110

Заркӯза хурӯси тоҷлола,
Ҳамчун мино булӯрпаҳлӯст.
Наргис ба нигоҳи пурфасона,
Ё кӯзаву гул тилисму ҷодуст.
Базми тараб асту савту бозӣ,
Садбарг,шаби арӯсии туст.
    Оҳиста занам қадаҳ ба гулдон.

111

Эй шерсаги маланги тӯлак,
Даҳсолаҷвон, вале шуди пир.
Бо ин ҳама савлати сагона,
Танбал шудиву малулу хапгир.
Ку чустиву ғайрати ҷавонит?
Бар ҷониби соя мешудӣ тир.
    Хезу ба виқор ак-аке зан.

112

Болидадили насими соҳир,
Бо сина пур аз ҳавои анбар.
Намрези баҳори бӯи дарё,
Ҷон аз дами он гирифта оҳар.
Чархида сару хато равон по,
Бигрифта ба каф зи лола соғар.
    Дар домани сабзаҳо фитодам.

113

Бегоҳии беғубори даймоҳ,
Хуршеди хамида шуд фурӯшин.
Гӯё малакут зи барфи ёқут
Дар сатҳи замин фиканда қолин.
По карда бараҳна меравам раҳ
Дар кӯрпаи нарми барфи симин.
Ҷони ман аз он ҳаловате дошт.

114

Тӯйи рӯбаҳасту резаборон,
Ман бо ту тани бараҳна рақсон.
Зулфони тарат гулоби серун,
То рӯю сарам кунад парешон.
Ман шоназанон,ту синаларзон,
Даф мезанад абри шӯълаафшон.
Дар гунбади нури Қавси Қӯзаҳ.

115

Бо ранги сияҳ ба лавҳи маҳтоб
Дар сурати холи ту чакидам.
Лавҳу рухи ту буданд якранг,
Чун шишаву май рухат надидам.
Пас даври рухат ба ранги шабгун
Гесӯи туро фурӯ кашидам.
Аз пардаи об рӯ намудӣ.

116

Рахшад ба кафи булӯри савсан
Дурдонаву симу лаълу алмос.
Маҷмӯъи ҳама бисоти шоҳӣ
Дар хуққаи гул занад ялаққос.
Аз лағзишу резиши ҷавоҳир,
Дуздии сабо ҳамешуд эҳсос.
Пеши назари Ситораи Рӯз.

117
Мурғи чамани хаёли ман шаб
Бо сози ҳазин тарона гӯяд.
Дар боғи хазонрасидаи дил,
Дар сурати гул тарона рӯяд.
Ҳар баргу гиёҳи хушку беҷон
Танро ба нами тарона шӯяд.
Бо сим-сими нарм мекашад сар.

118
Балвогари ишқи беназирам
Дар маҳфили орифону ёрон.
Бурҳону далел беш орам
Дар бобати рози гулузорон.
Парҳез зи рӯи зан чӣ бошад,
Дар хотири ин умедворон?
Беравнақиҳои ақли сода.

119
Маҳ дар бағалам чу чашмаву шаб,
Аз шодии дил тарона гуфтам.
Бо мехи ситорагони симин
Дар бурҷи само тарона суфтам.
Аз хам-хами ҳар ситораборон
Истоpатаронаҳо шукуфтам.
То ҳадя барам ба субҳи равшан.

120
Нармии лабе ба бӯсарезӣ,
Балвогари изтиробу хоҳиш.
Ҳарфе ба садои нарму нозук,
Бо замзамаи навои нолиш.
Рӯҳам ба ҳаво ҳавои парвоз,
З-ин ҷилвагарию з-ин таровиш.
Дар баҳри висол синасоён.

121

Сарбарзадаи ҷалоли давлат,
Аз ҳалқаи мардумӣ марав дур.
Аз касратиҳои моли дунё,
Нохуб шавад, шавӣ чу мағрур.
Ин молу камол нӯш бодат,
Гоҳе ғами муфлисе каме хӯр.
То марди раҳи Худой бошӣ...

122

Сармояи рашк офату ранҷ,
Густох ду зан ба ҳам фитоданд.
Чанге зада рӯ ба рӯю бар мӯ,
Озор ба ҳамдигар бидоданд.
Мардум ки:-"Чаро шумо ба ҷангед?"
Сирре ба касе намекушоданд.
Як мард чӣ сон шавад ду қисмат.

123

Пайғоми саодате расонад,
Наззораи ботаровиши гул.
Нақши қаламе ҳамекашидам
Дар марҳамату ситоиши гул.
Ашкам зи бухори сина хушкид,
Ҷон дар қасари гудозиши гул.
Хокистари ман ба бод мерафт…

124

Кафбистари мавҷҳои дарё,
Гулмоҳибадан ба тӯри гесӯ.
Резидани бӯсаҳои амвоҷ,
Бар шонаву соқу синаи ӯ.
Чун қатраи ашк гаштам аз рашк,
Бешармии мавҷҳои берӯ.
Ошиқ ба гумони бешуморе.

125

Эй бехабар аз нишоту роҳат,
Донӣ, ки канори гул биҳишт аст.
Кам гӯ зи мисоли ҳар китобе,
К-онро чу ману туе навиштаст.
Деҳқони асил худ бидонад,
Дар марзаи худ чӣ дона киштаст.
Мо киштаи хокпоши даҳрем.

126

Болидадили навои дарё,
Шӯру шари дил ба об додам.
Чун қатраи шабнами саҳархез,
Сар дар кафи сабзаҳо ниҳодам.
То дар лаби гул чу хол будам,
Оина ба рӯи гул кушодам.
Шуд синаи ғунча нурполо.

127

Ранҷи шаби ман барор овард,
Омад ба лабам таронаи субҳ.
Абре зи бухори фавҷи шабнам,
Чодар бикашад ба шонаи субҳ.
Ҳар ахтари хушназора хобид
Осуда дар ошёнаи субҳ.
Бо савту таронаҳои булбул.

128

Хокам гӯ ба боди кӣ суворист?
К-эй чун фалак омадам ба гардиш.
Аз рангзании хоки покам
Олам шуда бо фару таровиш.
Гар бехабаре маро шуморид,
Дар банди азобҳои мудҳиш.
Фардо ба зиёрати ман ояд.

129

Дар сарҳади вусъати уфуқфҳо
Рӯз аз тани шоми нав ҷудо шуд.
Обистани маҳ ба рӯи пурдоғ,
Дар хонаи шаб ситоразо шуд.
Он Муштарӣ даступо кунад гум,
К-он дояи Зӯҳра ку, куҷо шуд.
Чини рухи маҳ гиреҳ зад аз дард.

130

Озод шино насим созад
Дар хам- хами мавҷи мӯи борон.
Ояд зи дарича фораму нарм.
Ҷӯлида дар обу бӯи борон.
Бас буд насими шӯху ошиқ.
Дар ёду дар орзуи борон.
Шодона ба хона медарояд.

131

Чун шабнами субҳхези ларзон
То сояи барги гул гурезам.
Монанди насими нӯшбодӣ
Парвоз ба ҷоми гул бирезам.
Аз рангбухори боли товус
Бо накҳати гарди гул бихезам.
Фаввора занам чу атри наргис.

132

Мамнунгаҳи базми тирамоҳон-
Анбӯҳи дарахтҳои заррин.
Беду булуту чинору шаҳтут
Пӯшида ба тан либоси гулчин.
Дардода ба даст анору хурмо
Сад машъалаи чароғи рангин.
Чун арчаи Соли нав диловез.

133
Аз ҳасрати ташнаҷонии дил
Бар бӯсаи лаб шудам шикорӣ.
Сайёраи орзуи ман буд
Бар боди саманди шаб суворӣ.
Чун партави маҳ дароям аз дар
Бар хобгаҳи маҳи ҳисорӣ.
То кокули дарҳамаш бибӯям.

134
Пар бистару парфишори оғӯш
Бар зора нигор таҳ наояд.
Шафқат накунад ба ҷони қурбон,
То бандаку тугмае кушояд.
Дар охири бебарории шаб
Сурхи рухи субҳ рӯ намояд.
Дар мағзи сарам ғубору ғавғо.

135
Наврӯзу баҳору боду борон,
Дашту дамону наво бихандад.
Ҳар мурғи чаман ба лаҳни шево
Бар гардани гул тарона бандад.
Бетобии дил хаёли ширин,
Бар кӯчаи ошиқон барандад.
Ҳар баргу гиёҳу қатра ошиқ.

136
Наргис зи хумори хоби ширин
Наззораи рангзан кушоид.
Дурдонаи шабнами саҳархез
Дар хонаи гул ситора зоид.
Гумгаштаи пор- ҷуфти худро
Қумрӣ ба таровати чаман дид.
Аз банди ҷигар кашид фарёд.

137

Хуршед зи роғи абрпора
Тобад чу нигоҳи субҳи пурдуд.
Хушнудии сабзаву дарахтон
Аз тантанаи ҳаловти рӯд.
Гулбоди канори кӯҳи Варзоб
То домани шаҳр мехамад зуд.
То гул бикунад рухи Душанбе.

138

Шаб сояи беди кӯи дилбар
Дар партови маҳ ба гардиш омад.
Оҳиста хазида тори девор,
Бар ҳавлии ёри ман фаромад.
Дидам саги беқарору шаккок,
Бар ав-аву беқарорӣ номад.
Ман сояи бед мешудам кош… .

139

Он шаб, ки арӯси моҳи равшан
Овехт ситора дар баногӯш.
Дар боғу чаман тарона мераст
Аз панҷаи навдаҳои гулпӯш.
Аз кӯза, ки маҳ шароб мерехт
Бар соғари лолаю сияҳгӯш.
Чун соқии симсоқи Ҳофиз.

140

Аз домани нил-нили дарё,
Қӯи маҳи шом пар кушояд.
Чун духтари нозанини дарё
Аз хаймаи мавҷҳо барояд.
Мавҷе бикашад зи пош поин,
То боз ба хаймааш дарояд.
Маҳ бар сари мавҷ мезанад по.

141
Бо вусъати хобҳои рангин
То мулки ситораҳо расидам.
Монеаи қувваи фазоро
Бо суръати тез медаридам.
Чархи фалаки амиқрафтор
Аз қутри низоми худ бидидам.
Орӣ шудам аз хусумати вазн.

142
Эй дидаи интизори ғамгин,
Хун дар хати ҳар рагат дамидаст.
Афсонаи нолаҳои талхат
Маҳбубаи худнамо шунидаст?
Аз гиря магар ба ҳақ расидӣ,
Дил рӯ ба хуморат оваридаст.
Аз ҳоли ту то дарак диҳад боз.

143
Наззораи ғамбарори дилбар
Дар ғайби дилам навид будӣ.
Бо тобиши ранг ранги дарё
Савғотии рӯзи ид будӣ.
Осори хаёл парварида,
Рози дили пурумед будӣ.
Бо оҳу алам туро кунам ёд.

144
Алфози шакарнисори мавзун,
Дилро ба латофатат кунӣ об.
Аз лаззати рӯҳнавозии ту
Ҷонам ба канори ту равад хоб.
Аз тобу табат бухор гаштам,
Бар бод шудам, нишонае ёб.
Дар ҷайби насим нопадидам.

145

Бечора гули сафеди қоқу,
Мурғона ба лона болу пар чид.
Шаб дасти насим чун такидаш,
Бе болу пару бараҳна гардид.
Саркандаву таншикаставу зор,
Бар ҳолати ӯ бунафша хандид.
Ғофил зи фиреби зиндагонӣ.

146

Тобанда миёни издиҳоме
Наззораи озари муҳаббат.
Медод забони бе забонаш
Аз исмати ошиқӣ бешорат.
Шуд сина баҳори майсаву гул,
Хушрангу афифу ботаровват.
Наврӯзи нават муборак, эй дил!

147

Дар хамгаҳи абри соявашан,
Нури дами субҳ бо табу тоб.
Истораи рӯз вақти бедор,
Дар бистари абр меравад хоб.
Хоби саҳарӣ хуш асту ширин,
Эй абр, ситораро бизан об.
К-аз пераҳанаш бадан битобад.

148

Аз баччагиам ҳикояте ҳаст,
Чун кокули хоҳарам парешон.
Бо додаракони пеши модар,
Дар кандани кулчаи алавдон.
Шаб гиряи ҷонхароши борон,
Боми падару чакидани он.
Ҳамқисмати дидагони модар.

149

Орӣ зи ғами ниҳод гаштам,
Рӯзе, ки дил аз тамаъ буридам.
Дил ҳамнафаси чароғ дидаи
Чун рӯ ба Худоӣ оваридам.
Дар буду набуд ба қиёсам
Як ранг барбари бидидам.
Шуд зиндагӣ он замона осон.

150

Он гиряи бесадои ман буд,
Дар минбари этибори мардум.
Бо баччагиям видоъ кардам,
Рӯзе, ки падар намудаам гум.
Бар души харобу кӯчакам шуд
Вазнинии бори қисмати шум.
Рустам зи баҳори чашми модар.

151

Домоду арӯсу чодару даф,
Кунҷораалову сурнаю руд.
Он шеъри ҳазини Кенҷа Кокул,
Бо созу навои Сайфиддин буд.
Оҳу аламасту қатраи ашк,
Оташ чу дар об мекунад дуд.
Марсияи духтарони Тӯда.

152

Ҳар буда зи ғояти набуд аст.
Варна ту чӣ гуна гӯӣ он буд?
Нобуд ҳамон паёми буд аст,
Нобуд нашуд нагашта мавҷуд.
Печидаву баста раста бо ҳам,
Нобуд чу тору буд чун пуд.
Дар мокунаварди даври гардун.

153

Нозандаи давлату саодат,
Заҳри ғаму дард ночашида.
Ҳам роҳу равиши зиндагонӣ,
Бешу камии ҷаҳон надида.
Ҷонбозии мардҳои қобил
Аз гуфтаи одамон шунида.
Ҷон то наканӣ, нагардӣ одам.

154

Миҷгони чу парраҳои моҳӣ,
Ё сабзаи обкарда пайдо.
Оҳу алам асту ларзаву дард,
Дар нолаи синаҳои шайдо.
Оби дили санг гашта ҷорӣ
Аз мавҷи саробҳои рӯъё.
Рӯзи сафари азизи дилхост.

155

Маҳзунии нолаи Ватан буд
Дар ҳар хамупечи рӯди бетоб.
Аз сим-сими гиряҳои борон
Рӯди Қаратоғ гашта сероб.
Ҳар чашма зи сӯзи дил бихонад
Бар дида кашида шири маҳтоб.
Аз шеъри ҷаҳоннамои Мирзо.

156

Дар боғи баҳори сабзсоя
Себарга ба оби дида шӯям.
Сад ранг навои тоза орам
Аз тори сафедгуни мӯям.
Дасти садафи булӯрини ёр
Бигирифт гулӯи орзуям.
Дигар чӣ кунам, чӣ оядам пеш.

157

Дар синаи чашмаҳои нуқра
Болидани пораҳои хоро,
Бишкастани қуллаҳои барфин
Дар оинаҳои оби дарё.
Шодию шиноварии қоқу
Дар шабнами субҳи нурполо.
Зебогиву ҳусни Тоҷикистон.

158

Ашкам ба навои резаборон
Захми ҷигарам кунад табобат.
Бо саркашиҳо ба ҳукми фармон
Дигар накунад даме итоат.
Ҳар қатраи он забони гуё
Аз қисмати ман кунад ҳикоят.
Бар хонаи чашми ман биёед.

159

Эй мӯъниси лаҳзаҳои рӯъё,
Эй олами рози пурфасона,
Бар кокулу гардану миёнат
Бандам ба навои дил тарона.
Бо покии ҷону нози ширин
Бо ман бинишин, макун баҳона.
Бас навҳаю нолаи ҷудоӣ.

160

Раҳгумзада як ситораи шаб
Ҳайбати моҳ мегурезад.
Абрест паноҳ дар камингоҳ,
Аз роҳи ситора рост хезад.
Дигар ба куҷо равад ситора,
Бо абр ситора чун ситезад?
Зад бар сари абру дод ҷонаш.

161

Дар сина хурӯши оҳи шабхез,
Дар дида ситорагони гирдоб.
Андар лаби ман шарораи шеър,
Чун шамъи мазори ишқи ноёб.
Дар шохи чинори ҳавзи масҷид,
Биншаст шабона мурғи маҳтоб.
Чун чокаки шом мекашад чок.

162

Бодест чӣ шӯху бесаранҷом,
Аз кокули бед мекашонад.
Печида ба қомати сафедор,
Онро ба замин фурӯ хамонад.
Бар домани ғунчаҳои шармин
Фарёдкунон даст давонад.
Чун баччаи беҳаёи шаҳрӣ.

163

Дар хилвати шаб ба бесадоӣ,
Бо сояи гул ба гуфтугӯям.
Бо хислати хоси оҳувона,
Баргу хату холи гул бибӯям.
Сад ҳайф, шарори дидаҳояш,
Равшан, ки накард орзӯям.
Рӯзе бирасад шавад пушаймон.

164

Ларзидани шӯълаҳои симин
Дар пардаи сабзи обшорон.
Сар судани он насими ошиқ,
Бар кокули навбари дарахтон.
Тан шустани сахраҳои нақшин
Бо нуқраи оби поки борон.
Наврӯзи диёри Тоҷикистон.

165

Дар ёди лабони настарангун
Захме ба дилам намуда омос.
Бахте чу насим бар кафи ман,
Дастони булӯр кардам эҳсос.
Бо хешфиребиҳои рӯъё,
Бо фанду фиреб кардам ихлос
Аз мӯр мадад зи ноилоҷӣ.

166

Бе ҳадяи бӯсаҳои сӯзон
Кам сӯз, ки сӯхтан вубол аст.
Тӯфони балои бӯсахоҳӣ
Бар сӯи дилам дар интиқол аст.
Аз кори муҳоли синасӯзӣ
Табъи дили сода бемалол аст.
Дилро ба аҷаб намешиносам.

167

Дар хотири тира-тираи ман
Чун субҳи саодате дамидӣ.
Чун қатраи тозаи шафақгун
Бар соғари дидаам чакидӣ.
Не, не, ба мисоли қӯи дарё
Бар чашмаи чашми ман хамидӣ.
Бастам мижа то кунам тамошот!

168

Суратгари хотироти хосам,
Сад нақши ғариб мекашам боз.
Ҳар манзарае ба хоҳиши дил,
Бо ҷилваи ранг медиҳам соз.
Чанде ман аз он ҳолати рӯҳ
Дар лавҳи баёз кардам эъҷоз.
Чун ҳадя зи дафтари Уроқӣ.

# МУНДАРИҶА

ШЕЪРҲО
Модарамро ёд кардам, ....................................5
Аспи орзу ....................................7
Абрҳо....................................8
Ғамҳои ман ....................................9
Дилбараки қишлоқӣ....................................10
Қаравулсанг....................................11
Кабӯтари сафед ....................................12
Оина....................................13
Хоҳиш....................................15
Ниёиш....................................17
Балхаш....................................18
Наззораҳо....................................19
Ғор ....................................20
Субҳи поиз ....................................21
Навбаҳори дашт....................................23
Шукрона ....................................24
Ёди ту....................................25
Девона ....................................26

ҒАЗАЛҲО
Чӣ шавад мани мусофир ба дилат ватан бигирам ....................27
Хотири ранг-ранги ман тоби таронабор дошт, ....................28
Зиндагӣ хуни ҷигар хурдан будаст, ....................29
Ҷонона биё бар дили мо, ҷоната гардам,....................30
Шуда аз бӯи баҳорон чаманоро гули сурх,....................31
Бодҳои саргардон, аз гулам хабар оред, ....................32
Сели ашкам рӯи чатрат резаборон мешавад, ....................33
Дар сари миҷгони ман ёди ту шабнам шавад. ....................34
Сӯзи дил равшан шавад бо ёди ту,....................35
Аз доғи дили нолон мегӯяму мегирям,....................36
Ба ту мекунам ҳама илтиҷо, зи барам марав, ба дилам биё........37
Тоҷикистон Ватанам,эй Ватанам, эй Ватанам, ....................38
Модари субҳхези ман, хонаи субҳ ҷои ту,....................39
Аз нигоҳи пурсонат сар фурӯ барам то по,....................40
Боди сабо дам занад, мавҷ занад мӯи ту, ....................41
Ҷуз ғаму дарди ту,эй ёр, надидам ҳама умр,....................42

Аз канори беди Маҷнун кӯи ту сар мешавад, ................................43
Чаҳ-чаҳи по чиданат, роҳи ту пояд дилам, ....................................44
Маро дар ғами дил мабиншон аз ин пас, .......................................45
Боди баҳорон вазид, гул ба чаман ноз кард, ..................................46
Манзари нигоҳи ту сабки бесухан дорад, .......................................47
Барқ занад чашми шаб, ашк биборам агар, ....................................48
Дилбари фараҳёрам чида-чида мерақсад,......................................49
Кӯзаи оби сари шонаи гул, ...............................................................50
Дили бенавои худро ба ту месупорам акнун, ...................................51
Зарраи хоке будам, хоса чу дунё шудам, ........................................52
Ман кафтари симинпарам дар гӯшаҳои боми ту, .........................53
Гул, ба канори дил биё, дар бари дил ватан бигир, .......................54
Биё, шуд ком ширинам зи шаҳди номи ширинат,..........................55
Чун ҳавасам моили коми ту буд, .....................................................56
Ҳамсони ошиқон аст ранги паридаи шаб, .......................................57
Гулбадан, эй гулшикан, эй гулсухан, ..............................................58
Дили зорам зи нигоҳи ту тапидан гирад, ........................................59
Ба ёрону ба дилдорон шаби осуда мехоҳам,...................................60
Ҷойбадилгашта, куҷо меравӣ, .........................................................61
Субҳрухи сабохиром, гул ба чаман, хуш омадӣ, ...........................62
Ошиқи яктост дил, по ба хато нест дил, ..........................................63
Оташнишони шавқам бо шӯълаи нафасҳо, ....................................64
Дилҳои мо ба хубӣ парвардаи вафо шуд, ........................................65
Ҳангоми хоби ширин парвоз кардам имшаб, ..................................66
Сар зи канорам бизан, навдаи райҳони ман, ..................................67
Муқбили зебопараст ҳеҷ наояд чу ман, ...........................................68
Дар ёди ту оворадилу бесару поям, ..................................................69
Аз рухи гул шуд суханоро дилам, ...................................................70
Эй гул, ки ба нози ту кунад ноз тарона, ...........................................71
Ёрам, ки чу он кабӯтар омад, ...........................................................72
Эй маҳи дилороям, ҳамраҳи ту осоям, ............................................73
Соқии маҳрӯ, майе дар ҷом кун, ......................................................74
Ишқи ту саодати дили ман, ..............................................................75
Шаб моҳ бароял ба тамошои Душанбе, ...........................................76
Эй гули худрӯ, бе ту хазонам, ..........................................................77

СИТОРАБОРОН ..............................................................................78
*(дубайтиҳо)*

ЧАМАНИ ХАЁЛ ...............................................................................87

**САИДҶОН УРОҚӢ**

# ГУЛИ ҚОҚУ

Ороиш *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррир саҳифанд *М. Саидова*

Ба матбаа 15.02.2011. супорида шуд.
Чопаш 17.02.2011. ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 8,25.
Андозаи $60/84^{1}/_{16}$ Адади нашр 500 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 17а.